# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР БОРАИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

**бо қарори Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 15 феврали соли 2023, № 975**
**қабул карда шуд**
**бо қарори Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 15 марти соли 2023, № 364**
**ҷонибдорӣ карда шуд**

(Қонуни ҶТ аз 11.02.2025 № 2149, аз 14.05.2025№ 2177)

Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии хариди давлатиро муайян намуда, ба ташаккули низоми ягонаи хариди давлатӣ, ки истифодаи самарабахш ва сарфакоронаи маблағҳои давлатиро дар заминаи принсипҳои рақобат, муносибати одилона нисбат ба ҳамаи иштирокчиёни озмун ва шаффофияти расмиёти хариди давлатӣ таъмин менамояд, равона карда шудааст.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) **хариди давлатӣ (харид)** - аз ҷониби ташкилоти харидор тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ба даст овардани мол, кор ва хизматрасонӣ, ки пурра ё қисман аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ маблағгузорӣ мегардад;

2) **озмун** - чораёни интихоби таҳвилгар (паймонкор) бо мақсади тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур вобастакунии шартнома оид ба таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ;

3) **иштирокчии озмун** - шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё гурӯҳи чунин шахсоне, ки манфиатдориашонро ҷиҳати иштирок дар чораёни гузаронидани харид изҳор менамоянд;

4) **таҳвилгар (паймонкор)** - шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё гурӯҳи чунин шахсоне, ки мол, кор ё хизматрасониро дар натиҷаи расмиёти харид пешниҳод менамоянд ё пешниҳод карда метавонанд;

5) **пешниҳоди озмунӣ** - дархост, пешниҳод ё нархномае, ки дар ҷавоб ба дархости расмии ташкилоти харидор барои таҳвили мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ пешкаш карда мешавад;

6) **ҳуҷҷатҳои озмунӣ** - ҳуҷҷат ё бастаи ҳуҷҷатҳое, ки шартҳо ва тартиби гузаронидани хариди дахлдорро муайян намуда, аз тарафи ташкилоти харидор ба иштирокчии озмун барои таҳияи пешниҳоди озмунӣ дода мешаванд;

7) **шартномаи харид** - шартномае, ки ҳангоми ба анҷом расондани расмиёти хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ баста мешавад;

8) **мол** - маҳсулоти ҳар намуд ва таъинот, аз ҷумла ашёи хом, маснуот, таҷҳизот, технология, ашё дар ҳолати сахт, моеъ ва газӣ, неруи барқ ва гармӣ, объектҳои ҳуқуқи моликият мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин хизматрасониҳои марбут ба таҳвили мол, агар арзиши чунин хизматрасониҳо аз арзиши худи мол зиёд набошад;

9) **кор** - фаъолияти марбут ба сохтмон, таҷдид, вайрон ва таъмир намудани бино ва иншоот, аз ҷумла васлу насби таҷҳизот, инчунин хизматрасониҳои вобаста, ба монанди пармакунӣ, корҳои геодезӣ, аксбардории кайҳонӣ, таҳқиқоти сейсмологӣ ва хизматрасониҳои дигаре, ки тибқи шартномаи харид пешниҳод мешаванд, агар арзиши чунин хизматрасониҳо аз арзиши худи кор зиёд набошад;

10) **хизматрасонӣ** - фаъолияте, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ташкилоти харидор равона карда шудааст ва хизматрасонии машваратӣ намебошад;

11) **хизматрасонии машваратӣ** - хизматрасонии дорои хусусияти зеҳнӣ ё машваратӣ, ки аз ҷониби мушовирони инфиродӣ ё ташкилотҳои дорои дониш ва таҷрибаи махсуси касбӣ ва тахассуси мувофиқ анҷом дода мешавад;

12) **маблағҳои давлатӣ** - маблағҳои буҷети давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, корхонаҳои давлатӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ ва субъектҳои хоҷагидории дигар, ки дар онҳо зиёда аз 50 фоизи саҳмияҳо ё ҳисса ба давлат тааллуқ доранд, ташкилоту муассисаҳои аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ таъсисдодашуда, бонкҳои давлатӣ, фондҳои мақсадноки давлатӣ, маблағҳое, ки ба суратҳисобҳои мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, ташкилот, муассиса ё корхонаи давлатӣ ворид гардида, аз ҷониби онҳо ба манфиати шахсони соҳибмулки ҳамин маблағҳо ихтиёдорӣ мегарданд, маблағҳои қарзие, ки аз тарафи давлат ё корхона, муассиса ва ташкилоти давлатӣ, ҷамъияти саҳомӣ ва субъектҳои хоҷагидории дигар, ки дар онҳо зиёда аз 50 фоизи саҳмияҳо ё ҳисса ба давлат тааллуқ доранд, кафолат дода шудаанд ё таъмин гардидаанд, инчунин грантҳо (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2025* № 2177);

13) **мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба хариди давлатӣ** (минбаъд - **мақоми ваколатдори давлатӣ**) - мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки сиёсати давлатиро оид ба хариди давлатӣ амалӣ менамояд;

14) **давраи интизорӣ** - даврае, ки аз лаҳзаи ирсоли огоҳинома оид ба нияти вобастакунии шартномаи харид оғоз гардида, то ба охир расидани он ташкилоти харидор шартномаи харидро ба имзо расонида наметавонад.

## Моддаи 2. Доираи амали Қонуни мазкур

1. Қонуни мазкур нисбат ба хариди давлатӣ, ба истиснои харид дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, ки аз ҷониби давлатҳои донор, бонкҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ пурра ё қисман маблағгузорӣ карда мешаванд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон узв ва иштирокчии онҳо мебошад, хариди аз ҷониби Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишаванда, инчунин хариди бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ" танзимшаванда татбиқ мегардад. Тартиби харид аз ҷониби Муассисаи давлатии "Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад (*Қонуни ҶТ аз 11.02.2025* № 2149).

2. Ҳангоми хариди давлатӣ дар доираи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои шартномаҳои байналмилалӣ татбиқ мегарданд, агар дар шартномаҳои байналмилалӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хариди давлатӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хариди давлатӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

### Моддаи 4. Принсипҳои хариди давлатӣ

Хариди давлатӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

1) истифодаи оқилонаи маблағҳои давлатӣ, сарфакорӣ ва самаранокӣ ҳангоми анҷом додани хариди давлатӣ;

2) рақобат дар доираи расмиёти шаффофи хариди давлатӣ;

3) баробарҳуқуқӣ ва муносибати одилона нисбат ба ҳамаи иштирокчиёни озмун, инчунин таҳвилгарон (паймонкорон), ки шартномаҳои хариди давлатиро иҷро мекунанд;

4) махфияти маълумоти дорои сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда.

## БОБИ 2. СУБЪЕКТҲОИ МУНОСИБАТИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

### Моддаи 5. Иштирокчиёни хариди давлатӣ

1. Иштирокчиёни хариди давлатӣ инҳо мебошанд:

1) ташкилотҳои харидор (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2025* № 2177);

хориҷ карда шавад (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2025* № 2177);

2) таҳвилгарон (паймонкорон);

3) мақоми ваколатдори давлатӣ (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2025* № 2177).

2. Ташкилотҳои харидори зерин иштирокчиёни хариди давлатӣ мебошанд:

1) муассисаҳои буҷетӣ;

2) мақомоти давлатӣ;

3) корхонаҳои давлатӣ;

4) ташкилоту муассисаҳои аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ таъсисдодашуда;

5) корхонаҳои коммуналии аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ё ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда;

6) мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;

7) фондҳои мақсадноки давлатӣ;

8) ҷамъиятҳои саҳомӣ ва субъектҳои хоҷагидории дигар, ки дар онҳо зиёда аз 50 фоизи саҳмияҳо ё ҳисса ба давлат тааллуқ доранд;

9) мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, ташкилотҳо, муассисаҳо ё корхонаҳои давлатӣ, ки маблағҳои ба суратҳисобашон аз ҷониби соҳибмулки ҳамин маблағҳо воридшударо ихтиёрдорӣ менамоянд;

10) филиалҳо ва (ё) намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии дар боло зикргардида;

11) бонкҳои давлатӣ.

### Моддаи 6. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хариди давлатӣ салоҳияти зеринро дорад:

1) сиёсати давлатиро дар соҳаи хариди давлатӣ танзим менамояд;

2) барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳоро оид ба рушди хариди давлатӣ тасдиқ менамояд;

3) чораҳоеро, ки барои харид ба мақсадҳои рушди устувор ва иҷтимоӣ равона шудаанд, муайян менамояд;

4) мақоми ваколатдори давлатиро муайян менамояд;

5) қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ, ҳуҷҷатҳои стандартии озмунӣ, шартномаи намунавии харид, дастурамалҳо оид ба харид ва дастурҳои методиро тасдиқ менамояд;

6) амалӣ намудани салоҳияти дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2025* № 2177).

### Моддаи 7. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба хариди давлатӣ

Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба хариди давлатӣ дорои ваколатҳои зерин мебошад:

1) амалисозии сиёсати давлатӣ оид ба хариди давлатӣ;

2) пешбурд ва инкишофи портали ягонаи хариди давлатии электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд **портали ягонаи хариди давлатии электронӣ**) бо дастрасии ягона ба иттилоот оид ба хариди давлатӣ;

3) амалисозии чораҳое, ки баҳри тақвияти институтсионалии низоми хариди давлатӣ, таъмини истифодаи самаранок ва сарфакоронаи маблағҳои давлатӣ ва муқовимат бо коррупсия дар соҳаи хариди давлатӣ нигаронида шудаанд;

4) мусоидат ба такмили фаъолияти ташкилотҳои харидор бо роҳи расонидани кумаки машваратӣ ва ташаккули махзани маълумот оид ба таҳвилгарони (паймонкорони) ватанию хориҷӣ барои ҷустуҷӯи таҳвилгарони (паймонкорони) эҳтимолӣ;

5) тайёр намудан ва бозомӯзии мутахассисон оид ба хариди давлатӣ дар асоси барномаҳои худӣ ё муштарак оид ба касбомӯзӣ ва такмили ихтисос;

6) назорат ва мониторинги риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хариди давлатӣ бо ҳуқуқи дархост намудани маълумот ва ҳуҷҷатҳо барои ҳамин мақсадҳо аз ташкилоти харидор, мақомоти дахлдори ваколатдор ва ташкилотҳои молиявӣ;

7) тасдиқ намудани натиҷаҳои арзёбии пешниҳодҳои озмунӣ ва муайян намудани ғолиби озмун (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2025* № 2177);

8) татбиқи чораҳо нисбат ба таҳвилгарони (паймонкорони) беэътимод (бевиҷдон) ва ташкилотҳои харидор тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2025* № 2177);

9) таҳия ва ҷиҳати тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ, ҳуҷҷатҳои стандартии озмунӣ, шартномаи намунавии харид, дастурамалҳо оид ба харид ва дастурҳои методӣ;

10) амалӣ намудани ваколатҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### Моддаи 8. Талабот нисбат ба корхонаҳои давлатӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ ва субъектҳои хоҷагидории дигар

1. Нисбат ба корхонаҳои давлатӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ ва субъектҳои хоҷагидории дигар, ки ташкилоти харидор буда, дар онҳо зиёда аз 50 фоизи саҳмияҳо ё ҳисса ба давлат тааллуқ доранд, бояд ҳамон расмиёту талаботе татбиқ карда шаванд, ки нисбат ба категорияҳои дигари ташкилотҳои харидор татбиқ карда мешаванд. Дар асоси муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст қоидаҳои махсуси танзимкунандаи харид аз ҷониби корхонаҳои давлатӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ ва субъектҳои хоҷагидории дигар, ки дар онҳо зиёда аз 50 фоизи саҳмияҳо ё ҳисса ба давлат тааллуқ доранд, муқаррар карда шаванд (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2025* № 2177).

2. Нисбат ба корхонаҳои давлатӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ ва субъектҳои хоҷагидории дигар, ки дар онҳо зиёда аз 50 фоизи саҳмияҳо ё ҳисса ба давлат тааллуқ доранд, аз ҷумла корхонаҳои ба ташкилоти харидор тааллуқдошта, ки иштирокчии озмун мебошанд, бояд ҳамон расмиёту талаботе татбиқ карда шаванд, ки нисбат ба категорияҳои дигари иштирокчиёни озмун татбиқ карда мешаванд. Ба корхонаҳои давлатӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ ва субъектҳои хоҷагидории дигар, ки дар онҳо зиёда аз 50 фоизи саҳмияҳо ё ҳисса ба давлат тааллуқ доранд, зимни иштирок дар озмун набояд бинобар шакли моликияташон бартарият дода шавад.

### Моддаи 9. Тартиби харид барои намояндагиҳои дипломатӣ ва консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тартиби харид барои намояндагиҳои дипломатӣ ва консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

## БОБИ 3. АСОСҲОИ ТАШКИЛИИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

### Моддаи 10.

хориҷ карда шуд (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2025* № 2177)

### Моддаи 11.

хориҷ карда шуд (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2025* № 2177)

### Моддаи 12. Таъминоти ташкилии хариди давлатӣ

Барои таъмини фаъолияти харидорӣ дар марҳилаҳои дахлдори расмиёти харид воҳидҳои харид, комиссияҳои озмунӣ ва комиссияҳои дигар, ки тартиби ташкил ва кори онҳо, аз ҷумла бо назардошти хусусиятҳои хариди электронӣ дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муайян карда мешаванд, таъсис дода мешаванд.

### Моддаи 13. Хариди давлатии мутамарказ ва муштарак

1. Бо мақсади анҷом додани хариди мутамарказ мақоми ваколатдори давлатӣ мутобиқи моддаҳои 54-56 Қонуни мазкур созишномаҳои қолабиро барои истифодаи ҳатмӣ аз ҷониби ташкилотҳои харидор, ки дар бандҳои 1) ва 2) қисми 1 моддаи 5 Қонуни мазкур дарҷ гардидаанд, ба имзо мерасонад. Рӯйхати мол ё хизматрасонӣ, ки бо истифодаи созишномаи қолабӣ харида мешавад, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

2. Хариди муштарак мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

3. Мақоми ваколатдори давлатӣ метавонад тартиби дигари хариди муштарак ё мутамарказро, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд, истифода намояд.

## Моддаи 14. Хариди давлатии электронӣ

1. Хариди давлатӣ тавассути портали ягонаи хариди давлатии электронӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, анҷом дода мешавад.

2. Хариди давлатии электронӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ бо назардошти муқаррароти қисмҳои 3-8 моддаи 30 Қонуни мазкур таҳия ва тасдиқ карда мешаванд, анҷом дода мешавад.

## Моддаи 15. Таҳкими иқтидори захираҳои кадрӣ дар соҳаи хариди давлатӣ

*(Қонуни ҶТ аз 14.05.2025 № 2177)*

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ метавонад барои таҳкими захираҳои кадрӣ дар соҳаи хариди давлатӣ ҷиҳати омода намудани мутахассисони харид ва такмили ихтисоси онҳо тадбирҳои зарурӣ андешад.

2. Агар вобаста ба ҳаҷми умумӣ ва хусусиятҳои харид мувофиқи мақсад бошад, ташкилоти харидор метавонад вазифаҳоро оид ба ташкил ва анҷом додани расмиёти харид ба зиммаи шахс(он)-и мансабдори дорои сертификати мутахассиси харид вогузор намояд ё воҳиди сохтории харидро, ки дар он ҳадди ақал яке аз кормандон дорои сертификати мутахассиси харид мебошад, ташкил намояд. Барои гирифтани сертификати мутахассиси харид шахс(он)-и мансабдор ё корманд(он)-и воҳиди сохтории харид бояд мутобиқи барномаҳои мақоми ваколатдори давлатӣ ё барномаҳои бо мақоми ваколатдори давлатӣ муштарак омӯзонида шавад. Сертификати мутахассиси харид аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳо барои гирифтани сертификат, ки мақоми ваколатдори давлатӣ мегузаронад, дода мешавад.

3. Мутахассисони харид уҳдадоранд дар барномаҳои такмили ихтисос, ки аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ ва гузаронида мешаванд, бо минбаъд супоридани имтиҳон, ки барои нигоҳ, доштани эътибори амали сертификати мутахассиси харид асос мебошад, иштирок намоянд (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2025* № 2177).

# БОБИ 4. БАНАҚШАГИРИИ ХАРИД

## Моддаи 16. Банақшагирии харид

1. Ташкилоти харидор барои ҳар як соли молиявӣ нақшаи харидро, ки тамоми эҳтиёҷоти пешбинишавандаи онро барои харид дар соли молиявӣ дар бар мегирад, бо тақсимоти мол, кор ва хизматрасонӣ ба категорияҳо мутобиқи таснифгари соҳавии харид бо зикри давраи расмиёти дахлдор, арзиши тахминии шартномаҳо, ки аз ҷониби ташкилоти харидор дар асоси таҳлил ва мониторинги бозор муайян карда шудааст ва навъи расмиёте, ки барои вобастакунии шартномаҳо истифода хоҳанд шуд, таҳия ва дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ менамояд. Дар эҳтиёҷоти умумии харид ҳамчунин эҳтиёҷоте бояд ба назар гирифта шаванд, ки тавассути хариди муштарак ва мутамарказ қонеъ карда мешаванд.

2. Нақшаи солонаи харид бояд дар оғози соли молиявӣ дар портали ягонаи хариди давлатии электронӣ, бо назардошти ошкор насохтани арзиши тахминии шартномаҳо, интишор карда шавад.

3. Тамоми тағйирот ба нақшаи солонаи харид дар муқоиса бо нақшаи ибтидоӣ бояд нишон дода, дар портали ягонаи хариди давлатии электронӣ интишор карда шаванд.

4. Ба қисмҳо тақсим кардани харид бо мақсади хориҷ намудани он аз танзими ҳадди нишондиҳандаҳои арзишӣ, ки бо қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муқаррар гардидаанд, роҳ дода намешавад.

5. Хариди мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар нақшаи солонаи харид пешбинӣ нашудааст, ба истиснои ҳолатҳои дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муқарраршуда, иҷозат дода намешавад.

## Моддаи 17. Машварати пешакӣ бо бозор

Бо мақсади омода шудан ба харид ташкилотҳои харидор метавонанд пеш аз оғози расмиёти харид машварати коршиносон ва мақомоти мустақил ё иштирокчиёни бозорро бо шарте, ки чунин машваратҳо дастаҷамъӣ гузаронида шаванд, дархост ё қабул кунанд. Машваратҳои бадастовардашуда метавонанд барои банақшагирӣ ва гузаронидани расмиёти харид бо шарте, ки онҳо шароити рақобатро таҳриф накунанд ва ба вайрон намудани принсипҳои ғайритабъизӣ ва шаффофият оварда нарасонанд, истифода карда шаванд.

## Моддаи 18. Ҳисоби арзиши тахминии харид

1. Ташкилоти харидор ҳуқуқ надорад, ки хариди худро ба қисмҳо тақсим намояд, ягон усули махсуси арзёбиро барои ҳисоби арзиши тахминии харид ҷиҳати маҳдуд сохтани рақобати байни таҳвилгарон (паймонкорон) истифода намояд ё ба тариқи дигар аз иҷрои уҳдадориҳои худ, ки бо Қонуни мазкур пешбинӣ гардидаанд, саркашӣ намояд.

2. Ҳангоми ҳисоби арзиши тахминии шартномаи харид ташкилоти харидор бояд арзиши тахминии умумии ҳадди ниҳоии шартномаи харидро, сарфи назар аз он ки он ба як ё шумораи бештари таҳвилгарон (паймонкорон) дар шакли як ё якчанд лот вобаста карда мешавад, ё ҳамаи шартномаҳои хариди мутобиқи созишномаи қолабӣ дар давоми тамоми муҳлати амали он пешбинишуда, бо назардошти ҳамаи шаклҳои подошҳо, ба назар гирад.

3. Арзиши тахминии шартномаи харид, ба истиснои татбиқи музоядаи электронии баръакс ва хариди машваратҳои хизматрасонӣ аз рӯи усули интихоб дар шароити буҷети муқарраршуда, набояд ба иштирокчиёни озмун ошкор гардад ва бояд то кушодани пешниҳодҳои озмунӣ махфӣ нигоҳ дошта шавад.

4. Агар нархи мол, кор ва хизматрасонии харидоришаванда танзим гардад, нархи танзимшаванда ба назар гирифта мешавад.

## Моддаи 19. Тавсифоти техникии мавзуи харид

1. Ташкилоти харидор дар ҳуҷҷати озмунӣ тавсифи муфассали мавзуи харид, аз ҷумла талаботи ҳадди ақалеро, ки ба он пешниҳодҳои таклифшаванда бояд барои ҷавобгӯ эътироф шудан мутобиқ бошанд, нишон медиҳад.

2. Тавсифи мавзуи харид бояд аз рӯи имкон воқеӣ бошад. Дар тавсифи техникӣ ё қисмҳои дигари ҳуҷҷатҳои озмунӣ ба тамға ё номгӯи мушаххаси тиҷоратӣ, патент, дизайн ва навъ, маҳалли муайяни истеҳсолкунанда ё таҳвилгар ягон талабот ё истинод набояд бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар талабот ба мавзуи харид ё тавсифи хусусиятҳо ба андозаи кофӣ дақиқ ва фаҳмо номумкин бошад, зимнан дар лоиҳа хусусиятҳои тавсифшуда, тавсифот ва талабномаҳо ибораи "ё муодили он аз рӯи хусусиятҳо" ё ҳар муқаррароти ба ин монанд истифода мешавад.

3. Ягон тавсифи мавзуи харид, ки метавонад иштироки таҳвилгаронро (паймонкоронро) дар харид маҳдуд созад, ба истиснои меъёр, талабот ё расмиёте, ки ташкилоти харидор метавонад мутобиқи қисми 3 моддаи 24 Қонуни мазкур муқаррар намояд, иҷозат дода намешавад.

## Моддаи 20. Усулҳо ва расмиёти хариди давлатӣ

1. Ташкилоти харидор мутобиқи муқаррароти пешбининамудаи Қонуни мазкур яке аз усулҳо ё расмиёти хариди зеринро бо асоснок кардан интихоб менамояд:

1) озмуни кушод;

2) озмуни думарҳилавӣ;

3) дархости нархномаҳо;

4) дархости пешниҳодҳо барои хизматрасонии машваратӣ;

5) музокироти рақобатӣ;

6) хариди мустақим;

7) музоядаҳои электронии баръакс (реверсӣ);

8) расмиёти созишномаҳои қолабӣ.

2. Усули асосии хариди давлатӣ озмуни кушод мебошад. Истифодаи ҳар усули дигари харид ё расмиёти созишномаҳои қолабӣ танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур ва бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои хариди мустақим мутобиқи банди 1) қисми 1 моддаи 52 Қонуни мазкур, иҷозат дода мешавад.

3. Харид, ки бо маълумоти дорои сирри давлатӣ алоқаманд аст, бо истифодаи усулҳои музокироти рақобатӣ ё хариди мустақим бо риояи талаботи моддаи 23 Қонуни мазкур анҷом дода мешавад.

## Моддаи 21. Харидҳо бо мақсади рушди устувор ва иҷтимоӣ

1. Ташкилотҳои харидор мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чораҳоеро татбиқ менамоянд, ки ба рушди устувор ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Низоми қоидаҳо ва муносибати амалӣ дар соҳаи харид бо мақсади рушди устувор ва иҷтимоӣ метавонад чунин унсурҳоро, ба монанди кам кардани таъсири манфӣ ва мусоидат ба таъсири эҳтимолии мусбат ба муҳити зист ҳангоми анҷом додани хароҷот барои харид, васеъ гардонидани имкониятҳо барои соҳибкории хурду миёна, аз ҷумла занони ба соҳибкорӣ машғул, муассисаю корхонаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ташкилотҳои маъюбон, мусоидат ба масъулияти идоравии иҷтимоӣ, тандурустӣ ва некуаҳволии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бар гирад.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ ҳуқуқ дорад дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ ба лотҳо тақсим намудани харидро, аз ҷумла бо мақсади васеъ гардонидани имкониятҳо барои иштироки соҳибкории хурду миёна пешбинӣ намояд. Агар ташкилоти харидор нияти ба лотҳо тақсим намудани харидро дошта бошад, дар огоҳинома оид ба харид ё даъватнома ҷиҳати изҳори манфиатдорӣ бояд зикр намояд, ки ирсол намудани пешниҳодҳои озмунӣ ба як, якчанд ё якбора ба ҳамаи лотҳо мумкин аст.

3. Уҳдадорие, ки ба ғолиби озмун бо назардошти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади рушди устувор ва иҷтимоӣ вогузор карда мешавад, бояд дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ зикр карда шавад.

## БОБИ 5. ҶАНБАҲОИ УМУМИИ РАСМИЁТИ ХАРИД

### Моддаи 22. Забони расмиёти хариди давлатӣ

1. Расмиёти хариди давлатӣ бо забони давлатӣ анҷом дода мешавад. Ҳангоми зарурат расмиёти зикргардида метавонад инчунин бо забонҳои русӣ ё англисӣ анҷом дода шавад. Агар ҳуҷҷатҳо бо зиёда аз як забон тартиб дода шуда бошанд, дар онҳо бояд ишора карда шавад, ки дар сурати ихтилоф байни матнҳо, матни кадом забон асосӣ мебошад.

2. Дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ барои тавсифот, нақшаҳо, ҳисоботҳои техникӣ ва мукотибот мумкин аст истифодаи забоне иҷозат дода шавад, ки дар савдои байналмилалӣ истифода мешавад.

### Моддаи 23. Муомила бо маълумоти дорои сирри давлатӣ

1. Ҳангоми хариде, ки бо маълумоти дорои сирри давлатӣ алоқаманд аст, ташкилоти харидор нисбат ба таҳвилгарон (паймонкорон) талаботи ба ҳифзи маълумоти дорои сирри давлатӣ пешбинигардидаро татбиқ менамояд.

2. Ҳангоми хариде, ки бо маълумоти дорои сирри давлатӣ алоқаманд аст, ташкилоти харидор уҳдадор аст дар даъвати нахустин оид ба харид дар хусуси имконияти андешидани тадбирҳо ва талаботе, ки барои дар сатҳи зарурӣ ҳифз намудани маълумоти дорои сирри давлатӣ заруранд, огоҳ созад, инчунин ин тадбиру талаботро муайян намояд.

3. Ҳангоми хариде, ки бо маълумоти дорои сирри давлатӣ алоқаманд аст, ташкилоти харидор:

1) аз таҳвилгарон (паймонкорон) талаб менамояд, ки зертаҳвилгарони (зерпаймонкорони) онҳо риояи талаботи ба ҳифзи маълумоти дорои сирри давлатӣ пешбинигардидаро таъмин намоянд;

2) истифодаи расмиёти интишори маълумотеро, ки дар ҳолати дигар истифода шуда метавонанд, ихтисор менамояд.

### Моддаи 24. Меъёрҳои иҷозатдиҳӣ барои иштирок

1. Барои ба даст овардани ҳуқуқи бастани шартномаи харид, пешкаш намудани пешниҳоди озмунӣ дар ҳолати гузаронидани интихоби пешакии тахассусӣ ё тартиб додани рӯйхати мухтасар иштирокчии озмун бояд аз рӯи принсипи "қабул/ғайри қабул" ба талаботи зерини иҷозатдиҳӣ барои иштирок, ки дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ, ҳуҷҷатҳо оид ба интихоби пешакии тахассусӣ ё тартиб додани рӯйхати мухтасар зикр карда мешаванд, ҷавобгӯ бошад:

1) барои бастани шартнома қобилияти ҳуқуқӣ дошта бошад;

2) пардохтпазир бошад, таҳти идоракунии беруна, дар ҳолати муфлисшавӣ ё дар марҳилаи барҳамдиҳӣ набошад, фаъолияти тиҷоратии он набояд муваққатан боздошта шуда бошад ва набояд мавзуи баррасии судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё давлати дигар бошад;

3) аз андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет қарздор набошад;

4) дар давоми се соли то ҷараёни харид барои содир кардани ягон ҷинояти вобаста бо коррупсия ё қаллобӣ маҳкум нашуда бошад;

5) дар давраи баргузории озмун аз иштирок дар харид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 73 Қонуни мазкур, аз иштирок дар харид дар мамлакатҳои дигар ва ташкилотҳои байналмилалӣ мутобиқи тартиби аз ҷониби онҳо муқарраршуда хориҷ нашуда бошад, дар

байни муассисон, роҳбарон ё кормандон шахсонеро, ки амалҳояшон ба хориҷ гардидани таҳвилгар (паймонкор) аз иштирок дар харид ба давраи баргузории ҳамин озмун оварда расонид, надошта бошад;

6) бо иштирокчии озмун ё таҳвилгаре (паймонкоре), ки дар давраи баргузории озмун аз иштирок дар хариди давлатӣ мутобиқи моддаи 73 Қонуни мазкур хориҷ карда шудааст, ба таври дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ зикргардида алоқаманд набошад.

2. Ташкилоти харидор ҳуқуқ надорад талаботеро муқаррар намояд, ба истисноi ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур ё қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба маҳдуд сохтани иштироки таҳвилгарон (паймонкорон) дар расмиёти харид равона гардида, табъизи таҳвилгарон (паймонкорон) ё категорияҳои онҳоро пешбинӣ менамояд.

3. Таҳвилгарон (паймонкорон), сарфи назар аз кишвари аслашон, ба истисноi расмиёти хариде, ки маҳдудиятҳоро дар мавриди кишвари асл бо сабабҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зикргардида пешбинӣ менамоянд, бояд барои иштирок дар расмиёти харид роҳ дода шаванд. Изҳороти дахлдор дар хусуси маҳдудиятҳо ё ҳар дасткашии дигар аз ин принсип бояд дар ҳуҷҷатҳое, ки зимни ҷалби нахустини иштирокчиёни озмун ҷиҳати иштирок дар озмун истифода шудаанд, дохил карда шавад.

4. Ташкилоти харидор уҳдадор аст, ки дар бораи талабот ё маҳдудсозии ҳуқуқи иштирок дар чораёни хариди мутобиқи қисмҳои 1, 2 ва 3 моддаи мазкур ё моддаи 21 Қонуни мазкур ҷоришаванда, ҳангоми даъвати якум барои иштирок дар расмиёти харид, инчунин дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ хабардор созад.

5. Ташкилоти харидоре, ки иштироки таҳвилгаронро (паймонкоронро) дар расмиёти харид мутобиқи қисмҳои 1, 2 ва 3 моддаи мазкур ё моддаи 21 Қонуни мазкур маҳдуд месозад, бояд ба протоколи харид изҳоротро дар бораи асосҳои муқаррар намудани чунин маҳдудиятҳо ворид намояд.

### Моддаи 25. Талаботи тахассусӣ

1. Барои бастани шартномаи харид ё барои иштирок дар расмиёти харид иштирокчии озмун бояд ба талаботи тахассусӣ, ки аз ҷониби ташкилоти харидор барои иҷрои шартномаи харид мувофиқи мақсад дониста мешавад, ҷавобгӯ бошад. Пеш аз даъват барои иштирок дар харид ташкилоти харидор бояд талаботи тахассусии дахлдорро, ки ба хусусият, мураккабии техникӣ ва арзиши харид ҷавобгӯ буда, муқаррар намудани талаботи барзиёдии тахассусиро роҳ намедиҳад, муайян намояд.

2. Талаботи тахассусӣ ба иштирокчиёни озмун танҳо нисбат ба салоҳияти касбӣ, идоравӣ ва техникӣ, захираҳои молиявӣ, таҷҳизот ва захираҳои дигари моддӣ, таҷриба ва ҳайати кормандон, ки барои иҷрои шартномаи харид зарур аст, муқаррар карда мешавад.

3. Талаботи мутобиқи моддаи мазкур муқарраргардида бояд дар ҳуҷҷатҳои интихоби пешакии тахассусӣ ё ҳуҷҷатҳо оид ба тартиб додани рӯйхати мухтасар, агар онҳо гузаронида шаванд ва дар худи ҳуҷҷатҳои озмунӣ муайян карда шуда, нисбат ба ҳамаи иштирокчиёни озмун аз рӯи принсипи "қобили қабул (ғайри қобили қабул)", ба андозаи баробар, ба истисноi ҳолатҳои тартиб додани рӯйхати мухтасар, ки баҳогузории муқоисавиро дар асоси тахассус иҷозат медиҳад, татбиқ гардад. Ташкилоти харидор барои муқаррар намудани ягон меъёр, талабот ё расмиёти дигар нисбат ба тахассуси иштирокчиёни озмун, ки аз меъёр, талабот ё расмиёти пешбининамудаи Қонуни мазкур фарқ мекунанд, ҳуқуқ надорад.

4. Дар ҳуҷҷатҳои интихоби пешакии тахассусӣ ё ҳуҷҷатҳо оид ба тартиб додани рӯйхати мухтасар, агар онҳо гузаронида шаванд, инчунин дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ бояд зикр карда шавад,

ки иштирокчии озмун кадом иттилоот ва ҳуҷҷатҳоро барои исбот намудани мутобиқати худ ба меъёрҳои иҷозатдиҳӣ барои иштирок ва талаботи тахассусии татбиқшаванда пешниҳод менамояд.

5. Агар расмиёти интихоби пешакии тахассусӣ ё тартиб додани рӯйхати мухтасар гузаронида нашавад, ташкилоти харидор бояд расмиёти баррасии минбаъдаи тахассусиро гузаронад, ки тибқи он ташкилоти харидор тахассуси иштирокчии озмуни барои вобастакунии шартнома муайяншударо ҷиҳати мутобиқатӣ ба талаботи тахассусии дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ муқарраршуда месанҷад.

### Моддаи 26. Интихоби пешакии тахассусӣ

1. Интихоби пешакии тахассусӣ ҳангоми хариди калон ё мураккаб, ба монанди корхонаи саноатӣ, таҷҳизоти махсус таҳиягардида, хизматрасонии махсус, технологияҳои мураккаби иттилоотӣ, харид аз рӯи шартномаи "таҳти калид", лоиҳакашӣ ва сохтмони иншооти мураккаб ё шартномаҳои идоракунӣ тавсия мешавад.

2. Агар ташкилоти харидор интихоби пешакии тахассусиро гузаронад, он бояд интишори даъватномаро ҷиҳати иштирок дар интихоби пешакии тахассусӣ дар портали ягонаи хариди давлатии электронӣ, инчунин дар манбаъҳои байналмилалӣ, агар ин мутобиқи шартномаҳои байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, зарур бошад, таъмин намояд.

3. Ҳангоми гузаронидани интихоби пешакии тахассусӣ ташкилоти харидор ҳуҷҷатҳоро оид ба интихоби пешакии тахассусӣ дар портали ягонаи хариди давлатии электронӣ интишор мекунад. Нисбат ба интихоби пешакии тахассусӣ муқаррароти моддаи 25 Қонуни мазкур татбиқ мегарданд.

4. Ташкилоти харидор натиҷаҳои интихоби пешакии тахассусиро дар портали ягонаи хариди давлатии электронӣ интишор намуда, ҳар як иштирокчии пешкашнамудаи дархостро дар хусуси он ки аз интихоби пешакии тахассусӣ гузаштааст ё не, огоҳ месозад.

5. Ташкилоти харидор метавонад талаб намояд иштирокчии озмун, ки аз интихоби пешакии тахассусӣ мутобиқи Қонуни мазкур гузаштааст, аз нав тахассуси худро мутобиқи ҳамон меъёрҳои барои интихоби пешакии тахассуси ҳамин иштирокчиёни озмун истифодашуда нишон диҳад. Ташкилоти харидор бояд иштирокчии озмунро, ки аз нав нишон додани тахассусашро рад мекунад, хориҷ намояд.

### Моддаи 27. Тартиб додани рӯйхати мухтасар

1. Бо мақсади маҳдудсозии миқдори таҳвилгарон (паймонкорон), ки аз онҳо оферта, пешниҳод ё нархнома дархост карда мешавад, ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад расмиёти тартиб додани рӯйхати мухтасарро гузаронад.

2. Ташкилоти харидор рӯйхати мухтасари иштирокчиёни озмунро, ки баҳои баландтаринро гирифтанд, ба миқдори дар ҳуҷҷатҳо оид ба тартиб додани рӯйхати мухтасар зикршуда, аммо дар мавриди мавҷудияти чунин имконият, ба миқдори на кам аз се иштирокчӣ, тартиб медиҳад.

3. Талабот нисбат ба тартиб додани рӯйхати мухтасар дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муқаррар карда мешавад.

### Моддаи 28. Рӯйхати истифодаи бисёркарата

Мақоми ваколатдори давлатӣ ҳангоми зарурат барои ташкилотҳои харидор рӯйхати таҳвилгаронро (паймонкоронро) ҷиҳати истифодаи бисёркарата, бо шарте ки огоҳиномаи

дорои даъвати таҳвилгарони (паймонкорони) манфиатдор барои пешниҳоди дархост ҷиҳати ворид намудан ба рӯйхати дар боло зикргардида ҳар сол дар портали ягонаи хариди давлатии электронӣ интишор гардад ва мунтазам дастрас бошад, пеш мебарад. Талабот нисбат ба татбиқи рӯйхати таҳвилгарон (паймонкорон) ҷиҳати истифодаи бисёркарата дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муқаррар карда мешавад.

## Моддаи 29. Иштироки гурӯҳи таҳвилгарон (паймонкорон)

1. Гурӯҳи иборат аз ду ё шумораи бештари таҳвилгарон (паймонкорон) дар асоси созишномаи расмӣ байни тарафҳои гурӯҳ ё изҳороти расмӣ дар бораи нияти бастани созишномаи расмии байни тарафҳо, агар ба гурӯҳ шартномаи харид вобаста карда шавад, ба сифати иштирокчӣ дар ҷараёни харид иштирок карда метавонад. Ҳамаи аъзои гурӯҳ барои иҷрои уҳдадориҳои иштирокчии озмун ва иҷрои шартномаи харид мутобиқи шартҳои он бояд масъулияти шахсӣ ва муштарак дошта бошанд.

2. Дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ, ҳуҷҷатҳо оид ба интихоби пешакии тахассусӣ ё тартиб додани рӯйхати мухтасар зикр карда мешавад, ки ҳар узви гурӯҳ бояд ба кадом талаботи тахассусӣ дар алоҳидагӣ ва гурӯҳ дар маҷмӯъ ба кадом талабот ҷавобгӯ бошад.

3. Муқаррар намудани талабот оид ба ташкили гурӯҳи таҳвилгарон (паймонкорон) ҳамчун шарти иштирок дар расмиёти хариди давлатӣ манъ аст, агар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд.

## Моддаи 30. Муросилот дар расмиёти харид ва истифодаи воситаҳои электронӣ

1. Ҳуҷҷат, огоҳинома, қарор ё иттилооти дигар, ки дар ҷараёни харид таҳия ва мутобиқи талаботи Қонуни мазкур ирсол карда мешавад, бояд дар шакли хаттӣ ё шакле бошад, ки барои нигоҳ доштани мундариҷаи иттилооти дахлдор ва пайдо кардани дастрасӣ ба ин иттилоот дар давоми муҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият диҳад (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2025* № 2177).

2. Барои пешкаш намудани ҳуҷҷатҳои озмунӣ ва ҳуҷҷатҳои интихоби пешакии тахассусӣ метавонад маблағ ба андозае, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ситонида шавад ва он баргардонида намешавад.

3. Ҳангоми истифодаи воситаҳои электронӣ мақоми ваколатдори давлатӣ уҳдадор аст, ки дар платформаи хариди электронӣ истифодаи захираҳо ва технологияҳое, ки бехатарӣ, пайдарпайӣ ва махфияти иттилооти коркардшаванда ва ҷараёни харидро кафолат медиҳанд, таъмин намояд.

4. Портали ягонаи хариди давлатии электронӣ бояд ба талаботи амнияти иттилоотӣ ҷавобгӯ буда, анҷом додани ҳамаи расмиёти хариди давлатии мол, кор ва хизматрасониро бо истифодаи технологияҳое, ки бо аксари низомҳои компютерӣ мутобиқ мебошанд, барои таъмини ҳамкорӣ ва дастрасии зарурии ҳамаи тарафҳои манфиатдор ба портали мазкур, таъмин намояд.

5. Портали ягонаи хариди давлатии электронӣ бояд дорои инфрасохтори зарурии барномавӣ, дастгоҳӣ ва электронӣ ҷиҳати таъмини вазифаҳои огоҳсозӣ, хабардиҳӣ, ирсоли иттилоот ва арзёбӣ барои ҳамаи ташкилотҳои харидор бошад.

6. Воситаҳои технологии барномавӣ бояд айнияткунонии истифодабарандагони ба қайд гирифташуда, бақайдгирии тамоми мубодилаи иттилоот дар ҷараёни расмиёти харид, инчунин нигоҳдории тамоми иттилоотро бо ҳифзи кафолатноки ҳуҷҷатҳои рақамӣ таъмин намоянд.

7. Портали ягонаи хариди давлатии электронӣ бояд иттилоотро дар бораи хариди давлатӣ ройгон пешкаш намояд.

8. Агар истифодаи воситаҳои электронӣ танҳо барои истифодабарандагони ба қайд гирифташуда иҷозат дода шуда бошад ё дар асоси музднок амалӣ карда шавад, шартҳои дастрасӣ ба портали ягонаи хариди давлатии электронӣ ва воситаҳои дигари электрониро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Аз истифодабарандагон, ба истиснои имзои электронии рақамӣ ва ҳомили он, набояд харидорӣ намудани барномаи таъминотӣ, ки махсус барои дастрасӣ ба портали ягонаи хариди давлатии электронӣ ва воситаҳои дигари электронӣ пешбинӣ шудааст, талаб карда шавад.

## Моддаи 31. Муҳлати манзур намудани пешниҳодҳои озмунӣ ва дархостҳо

1. Муҳлати ниҳоии манзур намудани дархост барои иштирок дар интихоби пешакии тахассусӣ, ворид шудан ба рӯйхати мухтасар ё пешкаш намудани пешниҳодҳои озмунӣ бояд дар шакли сана ва вақти мушаххас ва мутобиқи муҳлати камтарини дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муайяншуда муқаррар шуда, ба иштирокчиёни озмун барои таҳия ва манзур намудани дархостҳо ё пешниҳодҳои озмунӣ, бо назардошти эҳтиёҷоти қобили қабули ташкилоти харидор ва омилҳои зерин, вақти кофӣ дода шаванд:

1) хусусият ва мураккабии харид, аз ҷумла хусусияти тиҷоратии мол, кор ва хизматрасонӣ;

2) ҳаҷми паймонкории фаръии пешбинишаванда;

3) истифодаи воситаҳои электронӣ барои интишори эълону даъватномаҳо, ирсоли ҳуҷҷатҳои озмунӣ ва манзур намудани пешниҳодҳои озмунӣ, дархост барои иштирок дар интихоби пешакии тахассусӣ ё ворид шудан ба рӯйхати мухтасар;

4) вақте, ки барои манзур намудани пешниҳодҳои озмунӣ, дархостҳо барои иштирок дар интихоби пешакии тахассусӣ ё ворид шудан ба рӯйхати мухтасар зарур аст;

5) ҳолатҳои дигари марбут ба хариди дахлдор.

2. Дар ҳолати харид мутобиқи қисми 2 моддаи 2 Қонуни мазкур муҳлати ниҳоӣ бояд тибқи талаботи шартномаҳои дахлдори байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, муқаррар карда шавад.

## Моддаи 32. Таъминоти пешниҳоди озмунӣ

1. Ҳуҷҷатҳои озмунӣ метавонанд талаботро дар бораи аз тарафи иштирокчиёни озмун пешкаш намудани таъминоти пешниҳоди озмунӣ ба андозаи то 3 фоизи арзиши тахминии харид, бо назардоши хусусият ва аҳамияти шартнома, дар бар гиранд. Арзиши тахминии харид ва фоиз, ки аз тарафи ташкилоти харидор барои ҳисоби таъминоти пешниҳоди озмунӣ истифода мешавад, набояд ифшо гардад.

2. Агар таъминоти пешниҳоди озмунӣ талаб карда шавад, дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ бояд зикр гардад:

1) таъминоти пешниҳоди озмунӣ бояд дар давоми 28 рӯзи тақвимӣ ё муҳлати дигаре, ки мумкин аст дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ зикр карда шавад, аз санаи ба охир расидани муҳлати аввалаи амали пешниҳоди озмунӣ ё муҳлати тамдидгардидаи амали пешниҳоди озмунӣ эътибор дошта бошад;

2) таъминоти пешниҳоди озмунӣ дар шакли дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ пешбинишуда пешниҳод мегардад, онҳо бояд бешарт, бебозгашт, мутобиқ ба андоза ва асъори дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ муқаррargardida бошанд.

3. Таъминоти пешниҳоди озмунии гурӯҳи иштирокчиёни озмун бояд аз номи гурӯҳ пешкаш карда шавад.

4. Иштирокчии озмун ҳуқуқи худро барои баргардонидани таъминоти пешниҳоди озмунӣ дар ҳолатҳои зерин аз даст медиҳад:

1) бозхондан ё тағйир додани пешниҳоди озмунӣ пас аз ба охир расидани муҳлати ниҳоӣ барои пешкаш намудани пешниҳодҳои озмунӣ;

2) розӣ нашудани иштирокчии озмун барои қабул кардани ислоҳи хатогии риёзӣ дар пешниҳоди озмунии худ;

3) имзо накардани шартномаи харид мутобиқи талаботи ҳуҷҷатҳои озмунӣ ё пешкаш накардани таъминоти иҷрои шартнома, агар пешкаш намудани он мутобиқи ҳуҷҷатҳои озмунӣ талаб карда шавад.

5. Агар истифодаи таъминоти пешниҳоди озмунӣ мувофиқи мақсад дониста нашавад, ташкилотҳои харидор метавонанд чунин талаботро бо эъломия дар бораи таъминоти пешниҳоди озмунӣ ё вариантҳои дигари алтернативии иҷозатдодаи қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ иваз намоянд. Бо пешниҳоди эъломия дар бораи таъминоти пешниҳоди озмунӣ иштирокчии озмун розӣ мешавад, ки мавҷудияти яке аз ҳолатҳои дар қисми 4 моддаи мазкур зикргардида метавонанд боиси хориҷ намудан аз иштирок дар харидҳои давлатӣ ба муҳлати бо қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муқарраршуда гарданд. Истифодаи эъломия дар бораи таъминоти пешниҳоди озмунӣ бояд дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ зикр гардида, нисбат ба ҳамаи иштирокчиёни озмун татбиқ шавад.

## Моддаи 33. Шарҳу эзоҳ ва тағйиру иловаҳо дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ

1. Иштирокчии озмун метавонад аз ташкилоти харидор шарҳу эзоҳи ҳуҷҷатҳои озмунӣ, ҳуҷҷатҳо дар бораи интихоби пешакии тахассусӣ ё тартиб додани рӯйхати мухтасарро на дертар аз 5 рӯзи тақвимӣ то муҳлати ниҳоии манзур намудани пешниҳодҳои озмунӣ ё дархостҳо дархост намояд.

2. Ташкилоти харидор бояд ба дархости иштирокчии озмун дар давоми давраи вақте, ки ба иштирокчии озмун барои сари вақт манзур намудани пешниҳоди озмунӣ ё дархости худ имконият медиҳад, вале на дертар аз 3 рӯзи тақвимӣ то муҳлати ниҳоии манзур намудани пешниҳодҳои озмунӣ ё дархостҳо посух дода, бе муайян намудани манбаи дархост шарҳу эзоҳро дар портали ягонаи хариди давлатии электронӣ дар ҳамин муҳлат интишор намояд.

3. Ташкилоти харидор метавонад на дертар аз 3 рӯзи тақвимӣ то муҳлати ниҳоии манзур намудани пешниҳодҳои озмунӣ ё дархостҳо бо ташаббуси худ ё дар натиҷаи дархости иштирокчии озмун оид ба шарҳу эзоҳ ба ҳуҷҷатҳо тағйиру иловаҳо ворид намуда, онҳоро дар шакли илова ба ҳуҷҷатҳо пешниҳод кунад. Илова ба ҳуҷҷатҳо дар портали ягонаи хариди давлатии электронӣ дар ҳамин муҳлат интишор мегардад.

4. Агар шарҳу эзоҳ ё тағйиру иловаҳо, ки мутобиқи қисмҳои 2 ва 3 моддаи мазкур ворид карда шудаанд, боиси тағйироти назарраси огоҳинома оид ба харид, ҳуҷҷатҳои озмунӣ, ҳуҷҷатҳо дар бораи интихоби пешакии тахассусӣ ё тартиб додани рӯйхати мухтасар гарданд, ташкилоти харидор бояд муҳлати ниҳоии манзур намудани пешниҳодҳои озмунӣ ё дархостҳоро тамдид намояд.

## Моддаи 34. Шарҳу эзоҳи иттилоот дар бораи тахассус ва пешниҳодҳои озмунӣ

1. Дар ҳамаи марҳилаҳои расмиёти харид ташкилоти харидор бо мақсади мусоидат дар муайянкунии тахассус ё омӯзишу арзёбии пешниҳодҳои озмунӣ метавонад аз иштирокчии озмун шарҳу эзоҳи иттилоот дар бораи тахассус ё пешниҳоди озмунии онро дархост намояд.

2. Ташкилоти харидор танҳо хатогиҳои риёзиеро, ки ҳангоми омӯзиши пешниҳодҳои озмунӣ ошкор карда мешаванд, ислоҳ мекунад. Ташкилоти харидор иштирокчии озмунро, ки пешниҳодҳои озмуниро пешкаш намудааст, дар бораи чунин ислоҳ огоҳ месозад. Пешниҳоди озмунии иштирокчие, ки чунин ислоҳҳоро қабул кардан намехоҳад, бояд рад карда шавад.

3. Байни ташкилоти харидор ва иштирокчии озмун набояд ҳеҷ гуна гуфтушунид дар мавриди иттилоот дар бораи тахассус, пешниҳодҳои озмунӣ ё ҳуҷҷатҳои дигари пешкашгардида гузаронида шавад, ҳамчунин тағйир додани нарх пас аз гирифтани шарҳу эзоҳ, ки мутобиқи моддаи мазкур дархост шуда буд, роҳ дода намешавад.

4. Дархост, пешниҳод намудан ё иҷозат додан барои ворид намудани ягон тағйироти назаррас ба иттилоот дар бораи тахассус ё пешниҳоди озмунӣ, ки ба ғайриқонунӣ соҳибтахассус эътироф намудани иштирокчии озмуни тахассуснадошта ё мутобиқ эътироф намудани пешниҳоди озмунии номутобиқ равона гардидааст, иҷозат дода намешавад.

5. Муқаррароти қисми 3 моддаи мазкур ба пешниҳодҳои озмуние, ки мутобиқи қисми 2 моддаи 48 ва моддаи 52 Қонуни мазкур пешкаш гардидаанд ва пешниҳоде, ки дар мавриди музокироти рақобатӣ беҳтарин ва ниҳоӣ намебошад, дахл надоранд.

6. Ҳамаи мукотиботи дар доираи моддаи мазкур анҷомдодашуда бояд ба протоколи расмиёти харид ворид карда шаванд.

### Моддаи 35. Арзёбии пешниҳодҳои озмунӣ

1. Ташкилоти харидор ҳангоми арзёбии пешниҳодҳои озмунӣ ва муайян намудани ғолиб бояд танҳо он меъёру расмиётеро истифода намояд, ки дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ нишон дода шудаанд ва танҳо ба ҳамон тарзе, ки дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ пешбинӣ гардидааст. Ба истифодаи меъёру расмиёте, ки мутобиқи муқаррароти мазкур пешбинӣ нагардидаанд, роҳ дода намешавад.

2. Ташкилоти харидор ҳуқуқ надорад маълумотро доир ба омӯзиш, арзёбӣ ва муқоисаи пешниҳодҳои озмунӣ ё дархостҳои пешкашшуда ва муҳтавои онҳо то анҷоми расмиёти арзёбӣ ошкор намояд.

3. Меъёрҳои арзёбӣ, ба истиснои меъёрҳое, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тибқи моддаи 21 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, бояд марбут ба мавзуи харид бошанд.

4. Ташкилотҳои харидор ба мақоми ваколатдори давлатӣ барои тасдиқ натиҷаҳои арзёбии пешниҳодҳои озмунӣ ва муайян намудани ғолибро пешниҳод менамоянд (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2025* № 2177).

### Моддаи 36. Пешниҳодҳои озмунӣ бо нархи ғайритабиӣ паст

1. Агар ташкилоти харидор муайян намояд, ки нархи пешниҳоди озмунӣ дар якҷоягӣ бо унсурҳои дигари таркибии пешниҳоди озмунӣ барои мол, кор ва хизматрасонии харидоришаванда ниҳоят паст буда, шубҳаовар аст, ки иштирокчии озмун бо чунин нархи пешниҳоди озмунӣ шартномаро иҷро карда метавонад, ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад пешниҳоди озмуниро рад кунад, ба шарте ки он дар бораи унсурҳои таркибии пешниҳоди озмунии дахлдор маълумоти муфассали қонеъкунандаи ташкилоти харидорро дар шакли хаттӣ дархост намояд. Ин маълумоти муфассал, аз ҷумла метавонад марбут ба инҳо бошад:

1) ҷанбаҳои иқтисодии усули сохтмон, ҷараёни истеҳсол ё хизматрасонӣ;

2) қарорҳои интихобшудаи техникӣ ё шароити ниҳоят мусоиде, ки иштирокчии озмун барои иҷрои кор, таҳвили мол ё хизматрасонӣ дорад;

3) аслӣ будани кор, мол ва хизматрасоние, ки иштирокчии озмун пешниҳод менамояд.

2. Ташкилоти харидор ин унсурҳои таркибиро тавассути машваратҳо бо иштирокчии озмун, бо назардошти далелҳои пешниҳодгардида, санҷида, ҳангоми қабули қарор маълумоти пешниҳоднамудаи иштирокчии озмунро ба назар мегирад.

3. Қарори ташкилоти харидор дар бораи рад кардани пешниҳоди озмунӣ, асосҳо барои қабули чунин қарор ва ҳамаи тамосҳо бо иштирокчии озмун мутобиқи моддаи мазкур бояд ба протоколи расмиёти харид ворид карда шаванд. Оид ба қарори ташкилоти харидор ва асосҳои он бояд ба иштирокчии дахлдори озмун хабар дода шавад.

## Моддаи 37. Рад кардани пешниҳодҳои озмунӣ

1. Ташкилоти харидор ҳамаи пешниҳодҳои озмуниро баъди арзёбии онҳо аз ҷониби комиссияи озмунӣ рад мекунад, агар ягон пешниҳоди воридгардида ба таври назаррас ба талаботи ҳуҷҷатҳои озмунӣ мутобиқ набошад ё нархи ҳамаи пешниҳодҳо нисбат ба ҳаҷми пешбинишудаи маблағгузорӣ барои шартномаи дахлдори харид зиёд бошад.

2. Радкунии ҳамаи пешниҳодҳои озмунӣ ва асосҳои он бояд дар протоколи расмиёти харид зикр гардида, дар портали ягонаи хариди давлатии электронӣ интишор карда шавад.

## Моддаи 38. Бекор кардани расмиёти харид

1. Ташкилоти харидор метавонад то муҳлати ниҳоии манзур намудани пешниҳодҳои озмунӣ ё дархостҳо харидро бекор карда, қарорро дар бораи бекоркунӣ дар портали ягонаи хариди давлатии электронӣ интишор намояд. Ташкилоти харидор пас аз қабул гардидани қарор дар бораи бекоркунии харид барои кушодани пешниҳодҳои озмунӣ ё дархостҳо ҳуқуқ надорад.

2. Ташкилоти харидор дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ метавонад расмиёти харидро пас аз кушодани пешниҳодҳои озмунӣ ё дархостҳо бекор кунад, агар:

1) мол, кор ё хизматрасонӣ мутобиқи изҳороти асосноки ташкилоти харидор дигар лозим набошад ва бинобар ин идома додани расмиёти харид ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ҷавобгӯ намебошад;

2) дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ норасоӣ ё хатогии ҷиддие ошкор гардида бошад, ки идомаи расмиёти харидро номумкин гардонад;

3) зарурати ба таъхир гузоштани хариди мол, кор ё хизматрасонӣ ба муҳлати дертар, ки аз ҷониби ташкилоти харидор асоснок карда шудааст, ба миён омадааст.

## Моддаи 39. Вобастакунӣ ва эътибор пайдо кардани шартномаи харид

1. Андешидани ягон тадбир барои ба имзо расонидан ё таъмини эътибор пайдо кардани шартномаи харид бо роҳи дигар то гузаштани давраи интизорӣ, агар татбиқи давраи интизорӣ бо муҳлатҳои дахлдори он бо қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муқаррар шуда бошад, иҷозат дода намешавад.

2. Агар иштирокчие, ки пешниҳодаш пазируфта шудааст, шартномаро ба таври зарурӣ ё дар муҳлати то 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи огоҳонӣ дар бораи нияти вобастакунии шартнома ба имзо нарасонад ё таъминоти талабшудаи иҷрои шартномаро пешкаш нанамояд, ташкилоти

харидор ҳуқуқ дорад харидро бекор кунад ё пешниҳоди беҳтарини навбатиро аз байни пешниҳодҳои эътибордошта мутобиқи меъёру расмиёте, ки дар Қонуни мазкур ва ҳуҷҷатҳои озмунӣ муайян шудаанд, интихоб намояд. Дар мавриди интихоби пешниҳоди беҳтарини навбатӣ муқаррароти моддаи мазкур нисбат ба ҳамин пешниҳоди навбатӣ, бо назардошти ҳамаи тағйирот, татбиқ мегарданд.

3. Иштирокчии ғолиби озмун шартнома оид ба харидро мутобиқи ҳуҷҷатҳои озмунӣ ва пешниҳоди озмуниаш дар муҳлате, ки дар огоҳинома оид ба нияти вобастакунии шартнома муқаррар гардидааст, имзо намуда, таъминоти иҷрои шартномаро дар ҳолате, ки агар он бо ҳуҷҷатҳои озмунӣ пешбинӣ шуда бошад, ба андозаи дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ муқарраршуда пешниҳод менамояд.

4. Андозаи таъминоти иҷрои шартнома метавонад то 10 фоиз аз нархи шартномаи харид бошад, ба истиснои ҳолате, ки бо шартномаи харид пешпардохт пешбинӣ шудааст. Ҳангоми пешпардохт, агар он бо шартномаи харид пешбинӣ шуда бошад, ташкилоти харидор метавонад таъминоти баргардонидани пешпардохтро, ба шарте ки таҳвилгар (паймонкор) аз ҳуқуқи худ оид ба даст кашидан аз пешпардохт истифода набурдааст, ба андозаи на кам аз 50 фоизи маблағи пешпардохт талаб намояд. Шаклҳои таъминоти иҷрои шартнома ва таъминоти баргардонидани пешпардохт, шартҳои сари вақт баргардонидани онҳо ба таҳвилгарон (паймонкорон) мутобиқи қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муайян карда мешаванд.

5. Дар рӯзи кории пас аз эътибор пайдо кардани шартномаи харид ё ба имзо расидани созишномаи қолабӣ огоҳиномаи дахлдор дар портали ягонаи хариди давлатии электронӣ интишор мегардад. Огоҳинома бояд иттилооти зеринро дар бар гирад:

1) тавсифи мол, кор ё хизматрасонии харидоришаванда;

2) ном ва суроғаи ташкилоти харидор;

3) ном ва суроғаи таҳвилгари (паймонкори) ғолиб;

4) дар мавриди шартномаи харид арзиши шартнома;

5) санаи баимзорасонӣ.

## БОБИ 6. РАСМИЁТИ ГУЗАРОНИДАНИ ХАРИД

### Моддаи 40. Дархости пешниҳодҳои озмунӣ дар мавриди озмуни кушод

1. Даъватнома барои иштирок дар озмуни кушод бояд дар портали ягонаи хариди давлатии электронӣ, инчунин манбаъҳои байналмилалӣ интишор карда шавад, агар интишори байналмилалӣ мутобиқи шартномаҳои байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, талаб карда шавад.

2. Даъватнома барои иштирок дар озмун бояд дорои маълумоти зерин бошад:

1) рақами мушаххаси расмиёти озмунӣ;

2) маълумоти мушаххаси ташкилоти харидор, суроғаи он ва маълумот барои тамос;

3) мавзуи харид, муҳлат ва маҳалли талабшавандаи таҳвили мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ ё муҳлати амали шартнома;

4) усули хариде, ки истифода хоҳад шуд;

5) тарзи гирифтани ҳуҷҷатҳои озмунӣ ё ҳуҷҷатҳо оид ба интихоби пешакии тахассусӣ, агар он гузаронида шавад ва дар ҳолати зарурат пардохт барои ҳуҷҷатҳо, агар чунин пардохт ситонида шавад;

6) номгӯй ва шарҳи мухтасари ҳамаи шартҳои иштирок дар озмун, аз ҷумла ҳамаи талабот нисбати аз ҷониби иштирокчиёни озмун пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои мушаххас;

7) забон ё забонҳое, ки ҳуҷҷатҳои озмунӣ бо онҳо тартиб дода шуда, пешниҳодҳои озмунӣ метавонанд бо онҳо пешкаш карда шаванд;

8) маҳал ва муҳлати ниҳоии манзур намудани пешниҳодҳои озмунӣ;

9) маблағи таъминоти пешниҳоди озмунӣ, агар талаб карда шавад;

10) агар харид мутобиқи шартномаи байналмилалӣ амалӣ карда шавад, истинод ба ин шартнома.

### Моддаи 41. Ҳуҷҷатҳои озмунӣ

1. Ташкилоти харидор бояд ҳуҷҷатҳои озмуниро дар портали ягонаи хариди давлатии электронӣ интишор намояд.

2. Бо назардошти муқаррароти Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин ҳар гуна ҳуҷҷатҳои стандартии татбиқшавандаи озмунӣ, ҳуҷҷатҳои озмунӣ бояд тамоми иттилооти заруриеро, ки ба иштирокчиёни озмун барои таҳия ва пешкаш намудани пешниҳодҳои озмунии ҷавобгӯи талаботи муқарраргардида имконият медиҳад, дар бар гиранд.

### Моддаи 42. Таҳия ва пешкаш намудани пешниҳодҳои озмунӣ

1. Пешниҳоди озмунӣ бояд мутобиқи ҳуҷҷатҳои озмунӣ дар портали ягонаи хариди давлатии электронӣ пешкаш карда шавад.

2. Бо назардошти қисми 4 моддаи 43, моддаҳои 48 ва 59 Қонуни мазкур, инчунин мутобиқи муқаррароти ҳуҷҷатҳои озмунӣ марбут ба даъват барои пешкаш намудани пешниҳодҳои озмунӣ ё иҷозат барои пешкаш намудани пешниҳодҳои алтернативӣ иштирокчии озмун ҳангоми гузаронидани харид метавонад танҳо як пешниҳоди озмуниро пешкаш намояд. Иштирокчии озмуне, ки пешниҳоди озмуниро пешкаш менамояд, ҳуқуқ надорад, ки дар доираи ҳамон як харид узви гурӯҳи иштирокчиёни озмуне бошад, ки дар доираи ҳамин харид пешниҳоди алоҳидаи озмуниро пешкаш менамоянд. Дар ин ҳолат ташкилоти харидор ҳарду пешниҳодро рад мекунад.

3. Пешниҳодҳои озмунӣ, ки пас аз ба охир расидани муҳлати пешкаш намудани пешниҳодҳои озмунӣ ворид гардидаанд, бояд кушоданашуда баргардонида шаванд.

4. Пешниҳодҳои озмунии воридгардида бояд ба тариқи бехатар ва махфӣ нигоҳ дошта шуда, то муҳлати таъиншудаи кушодани пешниҳодҳои озмунӣ кушода нашаванд.

5. Дар давоми давраи то кушодани пешниҳодҳои озмунӣ бо мақсади таъмин намудани махфияти расмиёти харид ифшо кардани иттилоот дар бораи номгӯй, ном ва суроғаи иштирокчиёни озмун ё намояндагони онҳо роҳ дода намешавад.

### Моддаи 43. Муҳлати амал, тағйир додан ва бозхондани пешниҳодҳои озмунӣ

1. Пешниҳодҳои озмунӣ эътибори худро дар давоми давраи дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ муқарраршуда нигоҳ медоранд (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2025* № 2177).

2. Муҳлати амали пешниҳоди озмунӣ танҳо бо розигии иштирокчиёни озмун ва бо тамдиди дахлдори муҳлати таъминоти пешниҳоди озмунӣ, агар чунин таъминот талаб шуда бошад, тамдидгардида эътироф карда мешавад.

3. Иштирокчии озмуне, ки таъминоти пешниҳоди озмунии он тамдид нагардидааст ё таъминоти пешниҳоди озмунии нав пешкаш нанамудааст, ҳамчун дархости раднамуда дар бораи тамдид намудани муҳлати амали пешниҳоди озмунии худ баррасӣ мешавад.

4. Иштирокчии озмун ҳуқуқ дорад пешниҳоди озмунии худро то гузаштани муҳлати пешкаш намудани пешниҳодҳои озмунӣ тағйир диҳад, иваз кунад ё бозхонад, зимнан он ҳуқуқ ба таъминоти пешниҳоди озмунии худро нигоҳ медорад. Чунин тағйирдиҳӣ ё огоҳонӣ дар бораи бозхондан ба шарте эътибор дорад, агар он аз тарафи ташкилоти харидор то гузаштани муҳлати пешкаш намудани пешниҳодҳои озмунӣ қабул гардида бошад.

## Моддаи 44. Кушодани пешниҳодҳои озмунӣ

1. Пешниҳодҳои озмунӣ бояд дар вақт ва маҳалле кушода шаванд, ки дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ ё тағйиру иловаҳо ба онҳо муқаррар гардидаанд. Кушодани пешниҳодҳои озмунӣ бояд дарҳол пас аз гузаштани муҳлати пешкаш намудани пешниҳодҳои озмунӣ оғоз карда шавад.

2. Пешниҳодҳои озмуние, ки пас аз муҳлати ниҳоии пешкаш намудани пешниҳодҳои озмунӣ гирифта шудаанд, бояд рад карда шаванд.

3. Ном ва суроғаи иштирокчии озмун, маблағи умумии ҳар як пешниҳод, нархи ҳар як пешниҳоди алтернативӣ, мавҷуд будан ё набудани таъминоти пешниҳоди озмунии талабшуда ва маблағи он, инчунин рӯйхати ҳуҷҷатҳои зарурӣ бояд пас аз фаро расидани муҳлати ниҳоии пешкаш намудани пешниҳодҳои озмунӣ ба таври автоматӣ дар портали ягонаи хариди давлатии электронӣ бо имконияти дастрасӣ дар реҷаи вақти воқеӣ барои ҳар як иштирокчии озмун ва аҳли ҷомеа коркард ва интишор карда шавад. Дар раванди кушодани пешниҳодҳои озмунӣ набояд ягон қарор дар бораи хориҷ намудан ё рад кардани ягон пешниҳоди озмунӣ қабул ё эълон карда шавад.

4. Пас аз кушодани пешниҳодҳои озмунӣ ва то огоҳ намудани иштирокчиёни озмун дар бораи нияти вобастакунии шартнома ягон иштирокчии озмун ҳуқуқ надорад, ки бо ташаббуси худ ба ташкилоти харидор муроҷиат намояд ё барои бо ягон тариқ таъсир расонидан ба ҷараёни баррасӣ ва арзёбии пешниҳодҳои озмунӣ аз ҷониби ташкилоти харидор кӯшиш намояд.

## Моддаи 45. Мутобиқати назарраси пешниҳодҳои озмунӣ

1. Пас аз кушодани пешниҳодҳои озмунӣ ташкилоти дахлдор аввал бояд мутобиқати дахлдори онҳоро ба талаботи ҳуҷҷатҳои озмунӣ санҷад, аз ҷумла пешниҳодҳои озмунии ба талаботи ҳуҷҷатҳои озмунӣ мухолифати ҷиддӣ доштаро ошкор намояд.

2. Мухолифати ҷиддӣ чунин мухолифат ба талаботи ҳуҷҷатҳои озмунӣ дониста мешавад:

1) ба сифат ва натиҷаи харид дар шартномаи пешниҳодшаванда таъсири ҷиддӣ мерасонад;

2) ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои пешбинишавандаи ташкилоти харидор ё иштирокчии озмун дар шартномаи пешниҳодшаванда таъсири ҷиддӣ мерасонад;

3) дар ҳолате, ки онҳо тағйир дода шудаанд ё ба инобат гирифта нашудаанд, шароити рақобатпазириро байни иштирокчиёни боқимонда, ки пешниҳодҳои озмунии онҳо ба талаботи муқарраргардида мутобиқати назаррас доранд, вайрон мекунанд.

3. Ташкилоти харидор ҳар пешниҳоди озмуниеро, ки ба таври ҷиддӣ ба талаботи дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ муқарраргардида ҷавобгӯ намебошад, рад ва аз арзёбии минбаъда хориҷ мекунад. Пешниҳоди озмуние, ки ба таври ҷиддӣ ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ намебошад, наметавонад дар марҳилаи нисбатан дертар тавассути ислоҳ кардани номутобиқатӣ, саҳв ё камбудиҳои асосӣ ба мутобиқати назаррас оварда шавад.

4. Мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур ташкилоти харидор пешниҳодҳои озмуниеро рад мекунад ва аз арзёбиву муқоисаи минбаъда хориҷ месозад, агар онҳо:

1) пурра набошанд, имзо нашудаанд ё бо ҳамроҳи ҳуд таъминоти пешниҳоди озмунӣ ё ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки талаб карда шудаанд, надоранд;

2) нисбат ба муҳлати дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ муқарраргардида дар давоми муҳлати нисбатан кӯтоҳтар амал мекунанд;

3) аз ҷониби иштирокчии озмуне ворид гардида бошанд, ки аз интихоби пешакии тахассусӣ нагузаштааст, агар он гузаронида шуда бошад;

4) аз ҷониби иштирокчии озмуне ворид гардида бошанд, ки боз як пешниҳоди озмунӣ пешкаш намудааст ё боз дар як пешниҳоди озмунӣ дар доираи ҳамон як харид иштирок карда бошад, зимнан бояд ҳарду пешниҳоди озмунӣ (ба истиснои ҳолатҳое, ки пешниҳоди дуюм то гузаштани муҳлати пешкаш намудани пешниҳодҳои озмунӣ ба таври зарурӣ бозхонда шудааст ё иштирокчии озмун мутобиқи ҳуҷҷатҳои озмунӣ пешниҳоди алтернативӣ пешкаш намудааст) рад карда шаванд;

5) дорои мухолифати дигари ҷиддӣ, ки моҳиятан ҷавобгӯи тавсифоти техникӣ, шартҳои лоиҳаи шартнома ва талаботи дигари муҳими дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ муқарраргардида намебошанд.

5. Расмиёти харид наметавонад дар он асос, ки танҳо як пешниҳоди озмунӣ ворид гардидааст, баргузорнашуда эътироф карда шавад.

## Моддаи 46. Арзёбии пешниҳодҳои озмунӣ ва вобастакунонии шартнома

1. Ҳангоми муайян намудани пешниҳоди озмунии судмандтарин ташкилоти харидор метавонад меъёрҳои зерин ё омехтаи онҳоро, ба шарте ки онҳо дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ тавсиф ёфта бошанд, ба эътибор гирифта, онҳоро ба тариқи дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ зикргардида истифода намояд:

1) нархи пешниҳоди озмунӣ;

2) меъёрҳои ғайринархии марбут ба хароҷоте, ки ба нархи пешниҳоди озмунӣ муносибат надоранд (чунин меъёрҳо, ба монанди маҷмчи хароҷот дар давоми силсилаи ҳаёт, ки бо ифодаи пулӣ пешниҳод гардидаанд ё метавонанд пешниҳод карда шаванд), инчунин меъёрҳои дигари ғайринархӣ, аз ҷумла меъёрҳои ҳатмии аз рӯи принсипи "қобили қабул (ғайри қобили қабул)" арзёбишаванда ва меъёрҳои рейтингии дар асоси холҳо арзёбишаванда.

2. Ҳамаи меъёрҳои ғайринархии арзёбӣ бояд аз рӯи имкон воқеӣ бошанд, мавриди арзёбии микдорӣ қарор дода шаванд ва бо арзиши пулӣ ифода ёбанд.

3. Шартнома ба он иштирокчии озмуне вобаста карда мешавад, ки пешниҳоди озмунии судмандтаринро, ки моҳиятан ба меъёрҳои тахассусии дар ҳуҷҷатҳои интихоби пешакии тахассусӣ, тартиб додани рӯйхати мухтасар ё ҳуҷҷатҳои озмунӣ муқарраршуда ҷавобгӯ мебошад, пешкаш намудааст.

## Моддаи 47. Истифодаи озмуни думарҳилавӣ

Харид тавассути озмуни думарҳилавӣ метавонад дар ҳолатҳои зерин гузаронида шавад:

1) ташкилоти харидор натавонад қаблан хусусиятҳои хос, техникӣ ва аломатҳои сифатии мол, кор ва хизматрасонии харидоришавандаро муайян намояд ва бо ин сабаб муҳокима бо таҳвилгарон (паймонкорон) барои қабули қароре, ки бештар эҳтиёҷоти ташкилоти харидорро барои харид қонеъ мегардонад, зарур бошад;

2) мавзуи харид таҳқиқот, озмоиш, таҳияи хулосаи илмӣ ё хизматрасонии дигари махсус бошад;

3) агар озмуни кушод ё расмиёти дигари харид бо огоҳиномаи оммавӣ гузаронида шуда, вале ягон пешниҳоди озмунии ҷавобгӯи талабот ворид нагардида бошад ё харид аз ҷониби ташкилоти харидор мутобиқи Қонуни мазкур бекор шуда бошад, зимнан ба ақидаи ташкилоти харидор гузаронидани озмуни кушоди нав ё расмиёти дигари харид эҳтимол аст, ки бо бастани шартномаи харид анҷом наёбад.

### Моддаи 48. Расмиёти гузаронидани озмуни думарҳилавӣ

1. Дар марҳилаи якуми расмиёти озмуни думарҳилавӣ ташкилоти харидор уҳдадор аст, ки аз иштирокчиёни озмун пешниҳодҳои озмунии ибтидоиро бе нишон додани нарх дархост намояд.

2. Дар марҳилаи якум ташкилоти харидор метавонад дар муҳокимаҳо бо ҳамаи иштирокчиёни соҳибтахассуси озмун бо мақсади муайян намудани мутобиқатии пешниҳодҳо ба талаботи ташкилоти харидор ё барои ишора намудан ба тағйироте, ки ҷиҳати таъмини қобили қабул будани пешниҳодҳо ва ноил гардидан ба омодагии иштирокчӣ ҷиҳати ворид намудани чунин тағйирот заруранд, иштирок намояд.

3. Дар марҳилаи дуюми расмиёти хариди думарҳилавӣ ташкилоти харидор иштирокчиёни озмунеро, ки пешниҳодҳояшон рад карда нашуданд, даъват менамояд, то пешниҳодҳои ниҳоии озмуниро бо нишон додани нарх ва бо назардошти тағйироти ба шартҳои харид воридкардашуда пешкаш намоянд.

4. Иштирокчии озмуне, ки хоҳиши пешкаш намудани пешниҳоди ниҳоии озмунӣ надорад, ҳуқуқи бозпас гирифтани таъминоти озмуниеро, агар пешниҳод намудани он аз иштирокчии озмун талаб карда шуда бошад, аз даст надода, аз расмиёти озмун хориҷ карда мешавад.

5. Ба ғайр аз расмиёти дар моддаи мазкур зикргардида, ҳангоми истифодаи усули озмуни думарҳилавӣ муқаррароти ба озмуни кушод дахлдошта истифода мешаванд.

### Моддаи 49. Истифодаи дархости нархнома

1. Ташкилоти харидор метавонад дархости нархномаро мутобиқи қисмҳои 2, 3, 4 ва 5 моддаи мазкур барои хариди молҳо, ки дастрас буда, барои онҳо бозори ташаккулёфта мавҷуд аст, инчунин барои хариди кор ва хизматрасонии ғайримашваратӣ мутобиқи номгӯй, ки дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ тасдиқ шудааст, истифода намояд, ба шарте ки арзиши тахминии шартномаи харид аз ҳадди нишондиҳандаи арзишии дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муқарраргардида камтар бошад (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2025* № 2177).

2. Огоҳинома оид ба дархости нархномаҳо дар портали ягонаи хариди давлатии электронӣ интишор мегардад. Дар огоҳинома оид ба дархости нархномаҳо бояд дар бораи зарурати ба нарх ворид намудани ягон унсури дигар, ба ғайр аз худи арзиши мол, кор ё хизматрасонии ғайримашваратӣ, ба монанди хароҷоти ҳамлу нақл ва суғурта, пардохти боҷи гумрукӣ ва андозҳо, огоҳ карда шавад (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2025* № 2177).

3. Ҳар иштирокчии озмун метавонад танҳо як нархномаро пешниҳод намояд ва барои тағйир додани он пас аз гузаштани муҳлати пешкаш намудани нархнома ҳуқуқ надорад. Гузаронидани ҳар гуна гуфтушунид байни ташкилоти харидор ва иштирокчии озмун дар мавриди нархномаи пешниҳодгардида роҳ дода намешавад.

4. Шартномаи харид бояд ба иштирокчии озмуне вобаста карда шавад, ки нархномаи пасттарини қонеъкунанда талаботи ташкилоти харидорро, тавре дар дархости нархнома зикр гардида буд, пешниҳод намудааст.

5. Агар танҳо як нархнома пешниҳод шуда бошад, ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад такроран дархости нархнома гузаронад, усули дигари харидро мутобиқи Қонуни мазкур интихоб намояд ё шартномаи харидро бо иштирокчии ягонаи озмун, ба шарте ки нархи нархнома аз маблағи барои харид ҷудошуда зиёд набошад, бандад.

## Моддаи 50. Дархости пешниҳодҳо барои хизматрасонии машваратӣ

1. Хизматрасонии машваратӣ аз тарафи мушовирон, ки шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ буда, дорои тахассуси зарурии касбии дар дархости пешниҳодҳо нишондодашуда мебошанд, расонида мешавад.

2. Хизматрасонии машваратӣ бояд бо истифодаи дархости пешниҳодҳо, ки дар моддаи мазкур ва қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ пешбинӣ карда шудааст, бо татбиқи яке аз усулҳои интихоби зерин, ки дар дархости пешниҳодҳо зикр мегардад, харидорӣ карда шавад:

1) интихоб аз рӯи сифат ва арзиш;

2) интихоб аз рӯи сифат;

3) интихоб дар шароити буҷети муқарраршуда;

4) интихоб аз рӯи нархи пасттарин;

5) интихоб дар асоси тахассуси мушовир.

3. Усули интихоби мустақим барои хизматрасонии машваратӣ метавонад дар ҳар яке аз ҳолатҳои зерин истифода карда шавад:

1) агар хизматрасониҳо табиатан ба таври илова ба хизматрасониҳои қаблӣ, ки аз тарафи мушовир расонида шудаанд, зарур бошанд ва аз гузаронидани расмиёти озмунӣ фоидае набошад;

2) агар арзиши хизматрасонӣ аз ҳадди нишондиҳандаи арзишии дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муқарраршуда камтар бошад;

3) агар танҳо як мушовири соҳибтахассуси дорои дониш ва таҷрибаи истисноӣ, ки барои вазифаи талабшуда мувофиқ аст, мавҷуд бошад;

4) ташкилоти харидор ният дорад шартномаро бо мақсади таҳқиқот, озмоиш ва коркард ба имзо расонад, ба шарте ки шартнома истеҳсоли молҳоро ба миқдоре, ки барои таъмини даромаднокии тиҷоратӣ ё ҷуброни хароҷот барои таҳқиқот, озмоиш ва коркард кофӣ мебошад, пешбинӣ накунад;

5) дар ҳолатҳои пешбининамудаи банди 3) қисми 1 моддаи 52 Қонуни мазкур.

4. Хариди хизматрасонии машваратӣ аз шахсони воқеӣ (мушовирони инфиродӣ) дар ҳолатҳое, ки дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муқаррар карда шудаанд, анҷом дода мешавад.

5. Хариди хизматрасонии машваратӣ метавонад инчунин тавассути созишномаҳои қолабӣ, ки мутобиқи Қонуни мазкур ва қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ ба имзо расонида шудаанд, анҷом дода шавад.

6. Агар ташкилоти харидор мувофиқи мақсад шуморад, барои дар асоси озмун гирифтани нақша ё лоиҳа дар соҳаи банақшагирии шаҳру деҳот, меъморӣ, анҷом додани корҳои

муҳандисию техникӣ ё коркарди маълумот мумкин аст аз озмуни лоиҳаҳо истифода карда шавад. Зимнан интихоби чунин нақша ё лоиҳа аз ҷониби ҳайати доварони беғараз ва соҳибтахассус, ки аз иштирокчиёни озмун вобастагӣ надоранд, бо додан ё надодани мукофотпулӣ амалӣ мегардад. Ҳайати доварон аз ҷониби роҳбари ташкилоти харидор то эълони озмун таъин карда мешавад.

7. Озмуни лоиҳаҳо бояд мутобиқи принсипҳои дар моддаи 4 Қонуни мазкур ва расмиёти дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муқарраршуда баргузор гардад.

## Моддаи 51. Музокироти рақобатӣ

1. Ташкилоти харидор метавонад дар ҳолатҳои зерин дар музокироти рақобатӣ мутобиқи моддаи мазкур иштирок намояд:

1) агар дар натиҷаи ҳолати фавқулода эҳтиёҷоти фаврӣ ба объекти харид ба миён омада бошад, ки истифодаи расмиёти озмуни кушод ё ҳар усули дигари хариди рақобатнокро, бо назардошти вақте, ки барои истифодаи чунин усулҳо зарур аст, ғайримақсаднок гардонад;

2) бинобар ба миён омадани эҳтиёҷоти фаврӣ, ба шарте ки ташкилоти харидор ҳолатҳои фавриятро шарт гузошта, онҳоро пешбинӣ карда наметавонист ва онҳо натиҷаи фаъолияти ғайрифаъолонаи он намебошанд;

3) агар ташкилоти харидор хоҳиши бастани шартнома бо мақсади гузаронидани таҳқиқот, озмоиш ва коркард дошта бошад, ба шарте ки шартнома истеҳсоли молҳоро ба микдоре, ки барои таъмини даромаднокӣ ё ҷуброни хароҷот барои таҳқиқот, озмоиш ва коркард кофӣ мебошад, пешбинӣ накунад;

4) агар ташкилоти харидор муайян намояд, ки усули интихобшуда усули муносибтарини харид барои ҳифзи маълумоти дорои сирри давлатӣ мебошад, бо шарте ки ин маълумот тибқи тартиби муқарраршуда ба сирри давлатӣ мансуб дониста шудааст;

5) харид аз ҷониби корхонаи давлатӣ, инчунин ҷамъияти саҳомӣ ё субъекти хоҷагидории дигар, ки дар он зиёда аз 50 фоизи саҳмияҳо ё ҳисса ба давлат тааллуқ доранд, гузаронида шавад.

2. Агар ташкилоти харидор харидро тавассути музокироти рақобатӣ гузаронад, пас он бояд бо мақсади таъмини рақобати самаранок дар музокирот бо шумораи кофии таҳвилгарон (паймонкорон), вале агар имкон бошад, на кам аз се таҳвилгар (паймонкор), иштирок намоянд.

3. Пас аз ба анҷом расидани музокирот ташкилоти харидор бояд аз ҳамаи иштирокчиёни дар расмиёт боқимонда талаб намояд, ки то санаи муқарраршуда пешниҳоди беҳтарин ва ниҳоиро нисбат ба ҳамаи ҷанбаҳои пешниҳодҳои озмунии худ пешкаш намоянд.

4. Музокирот байни ташкилоти харидор ва иштирокчиёни озмун дар мавриди пешниҳодҳои беҳтарин ва ниҳоии онҳо роҳ дода намешавад.

5. Пешниҳоди озмуние ғолиб мебошад, ки ба таври беҳтарин эҳтиёҷоти ташкилоти харидорро мутобиқи меъёрҳо ва расмиёти арзёбӣ, ки дар даъватнома барои иштирок дар озмун ва ҳуҷҷатҳои озмунӣ муқаррар шудаанд, қонеъ мегардонад.

## Моддаи 52. Хариди мустақим

Хариди мустақим расмиёти хариди давлатие мебошад, ки ҳангоми он ташкилоти харидор шартномаи харидро пас аз гуфтушунид бо як ё якчанд таҳвилгар (паймонкор) бе истифодаи усули озмуни кушод ё усули дигари рақобатнок ба имзо мерасонад, ба он шарте ки ин усул барои роҳ надодан ба рақобати ҳадди аксари имконпазир ё поймол намудани ҳуқуқи

иштирокчиёни озмун истифода нашавад ва агар истифодаи ҳар усули дигари харид ҷоиз набошад, ташкилоти харидор метавонад мутобиқи моддаи мазкур хариди мустақимро дар ҳолатҳои зерин гузаронад:

1) арзиши тахминии харид аз ҳадди нишондиҳандаи арзишии дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муқарраршуда зиёд набошад, зимнан дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ барои хариди мустақими корхонаҳои давлатӣ, инчунин ҷамъиятҳои саҳомӣ ва субъектҳои хоҷагидории дигар, ки дар онҳо зиёда аз 50 фоизи саҳмияҳо ё ҳисса ба давлат таааллуқ доранд, ба шарте ки мавзуи харид дар номгӯи тасдиқнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ мавҷуд бошад, метавонад ҳадди нишондиҳандаи арзиши баландтар муқаррар карда шавад;

2) мол, кор ё хизматрасониро танҳо аз як таҳвилгар (паймонкор) харидан мумкин бошад, ё танҳо як таҳвилгар (паймонкор) дорои ҳуқуқи истисноӣ ба мол, кор ё хизматрасонӣ бошад, ё агар хизматрасонӣ дар соҳаи санъат лозим бошаду ягон алтернативаи оқилона ё иваз мавҷуд набошад;

3) дар ҳолати зарурати фавкулода, бинобар ҳолатҳои таъхирнопазир дар натиҷаи ҳодисаҳое, ки ташкилоти харидор пешбинӣ карда наметавонист, сари вақт дастрас намудани мол, кор ё хизматрасонӣ дар сурати истифодаи озмуни кушод ё ҳар усули дигари хариди рақобатнок, бо назардошти он вақте, ки барои истифодаи чунин усулҳо зарур аст, ғайриимкон бошад;

4) агар дар натиҷаи офати табиӣ эҳтиёҷоти фаврӣ ба объекти харид ба миён омада бошад, ки истифодаи расмиёти озмуни кушод ё ҳар усули дигари хариди рақобатнокро, бо назардошти он вақте, ки барои истифодаи чунин усулҳо зарур аст, ғайримақсаднок мегардонад, зимнан мол, кор ва хизматрасонии мустақиман харидоришаванда бояд танҳо эҳтиёҷоти бетаъхирро қонеъ гардонанд, миқдори онҳо бошад, бояд бо эҳтиёҷоте маҳдуд карда шавад, ки бинобар ҳолати марбутаи таъхирнопазир ба миён омадааст;

5) ташкилоти харидор пас аз харидани мол, таҷҳизот, технология ё хизматрасонӣ аз таҳвилгар (паймонкор) муайян кунад, ки танҳо аз ин таҳвилгар (паймонкор) мол, қисмҳои эҳтиётӣ ё хизматрасонии иловагӣ ё ба сифати ивазкунӣ пешниҳодшаванда бинобар зарурати таъмини стандартизатсия ё таъмини мутобиқат бо мол, таҷҳизот, технология ё хизматрасонии аллакай мавҷудбуда, бо назардошти самаранокии харид ё дастрасии ибтидоӣ аз нуқтаи назари қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ташкилоти харидор, маҳдуд будани ҳаҷми хариди баррасишаванда нисбат ба харид ё дастрасии ибтидоӣ, оқилона будани нархи мол ё хизматрасонии харидоришаванда ва қобили қабул набудани алтернативаи мол ва хизматрасониҳои баррасишаванда, харидан мумкин аст;

6) корҳои иловагӣ ба шартномаи ибтидоии харид дохил нашуда бошанд ва барои иҷрои чунин корҳо зарурат ба миён ояд, зимнан ташкилоти харидор зарурати ба зиммаи паймонкори хариди ибтидоӣ вогузор намудани ин корҳои иловагиро тасдиқ намояд, ба шарте ки вогузор намудани корҳои иловагӣ ба паймонкори дигар аз лиҳози техникӣ ва иқтисодӣ мувофиқи мақсад набошад, инчунин ба шарте ки арзиши умумии шартномаи иловагии харид аз 20 фоизи арзиши шартномаи ибтидоӣ зиёд набошад;

7) дар ҳолати хариди корҳое, ки иҷрои онҳо пас аз ба охир расидани соли молиявие идома ёбад, ки дар он шартнома ба имзо расонида шуда буд, зимнан барои ба итмом расонидани ин корҳо ба давраи иловагӣ ҷалб намудани ҳамон паймонкор зарур бошад, ба шарте ки чунин имконият ва ҳаҷми пурраи корҳо дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ инъикос ёфтаанд;

8) ташкилоти харидор хоҳиши бастани шартнома бо таҳвилгар (паймонкор) бо мақсади гузаронидани таҳқиқот, озмоиш ва коркард дошта бошад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки шартнома

истеҳсоли молҳоро ба миқдоре, ки барои таъмини даромаднокӣ ё ҷуброни хароҷот барои таҳқиқот, озмоиш ва коркард кофӣ мебошад, пешбинӣ намояд ва дар баробари ин, расмиёти мутобиқи банди 2) моддаи 47 ё банди 3) қисми 1 моддаи 51 Қонуни мазкур гузаронидашуда боиси пешкаш намудани ягон пешниҳоди озмунии ҷавобгӯи талабот нагардиданд;

9) хариди маҳсулот, ки аз ҷониби муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ истеҳсол шудаанд;

10) агар ташкилоти харидор муайян намояд, ки усули интихобшуда усули муносибтарини харид барои ҳифзи маълумот, ки тибқи тартиби муқарраршуда ба сирри давлатӣ мансуб дониста шудааст, мебошад.

## Моддаи 53. Расмиёти хариди мустақим

1. Агар ташкилоти харидор хариди мустақимро интихоб намояд:

1) ҷалби пешниҳод ё пешниҳодҳо бояд ба ҳуҷҷатҳои тавсифкунандаи талаботи ташкилоти харидор асос ёбад;

2) ташкилоти харидор бояд таъмин намояд, ки ҷанбаҳои техникии мавзуи харид ба талаботи ташкилоти харидор мутобиқ бошанд;

3) ташкилоти харидор уҳдадор аст таъмин намояд, ки нархи шартномаҳои хариди бо истифодаи усули хариди мустақим басташуда нисбат ба нархҳои дар бозор амалкунанда одилона ва қобили қабул бошад.

2. Харид бо истифодаи усули мустақим дар асоси шартномаҳои харид ё ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда анҷом дода мешавад.

3. Дар сурати гузаронидани хариди мустақим бо асосҳои дар банди 7) қисми 1 моддаи 52 Қонуни мазкур зикргардида, ташкилоти харидор уҳдадор аст, ки аз таҳвилгар (паймонкор) нав кардани иттилоотро дар бораи мутобиқати худ ба меъёрҳои иҷозатдиҳӣ барои иштирок ва меъёрҳои тахассусӣ то вобастакунии шартнома талаб намояд.

4. Тартиби ҷалб намудани пешниҳоди таҳвилгар (паймонкор) ё пешниҳодҳои таҳвилгарон (паймонкорон) ва гузаронидани гуфтушунид ҷиҳати анҷом додани хариди мустақим тавассути портали ягонаи хариди давлатии электронӣ ё тариқи дигар аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

## Моддаи 54. Истифодаи созишномаҳои қолабӣ

Мақоми ваколатдори давлатӣ метавонад барои истифодаи ҳатмӣ аз ҷониби ташкилотҳои харидор, ки дар бандҳои 1) ва 2) қисми 1 моддаи 5 Қонуни мазкур зикр карда шудаанд, созишномаҳои қолабиро ба имзо расонад, агар интизор равад, ки:

1) зарурат ба мавзуи харид ҳангоми номуайянӣ ё чандинкарата дар давоми давраи мушаххаси вақт ба миён меояд;

2) эҳтиёҷот ба мавзуи харид бинобар хусусияти он дар давоми давраи мушаххаси вақт бетаъхир ба миён меояд.

## Моддаи 55. Навъҳои созишномаҳои қолабӣ

1. Созишномаҳои қолабӣ пӯшида ва№ 2177 а буда метавонанд.

2. Агар созишномаи қолабии пӯшида ба имзо расонида шавад, таҳвилгаре (паймонкоре), ки аз аввал иштирокчии созишномаи қолабӣ набуд, ҳуқуқи минбаъд тарафи он шуданро надорад.

3. Агар созишномаи қолабии кушода ба имзо расонида шавад, таҳвилгарони (паймонкорони) нав метавонанд минбаъд тавассути ба мақоми ваколатдори давлатӣ пешкаш намудани дархости озмунии тахминӣ мутобиқи талаботи даъватнома ҷиҳати иштирок дар созишномаи қолабии кушода илова ба тарафҳои ибтидоӣ иштирокчиёни созишнома гарданд.

4. Созишномаҳои қолабии кушода ва пӯшида бояд дар реҷаи мустақим (онлайн) дар портали ягонаи хариди давлатии электронӣ ба имзо расонида, пеш бурда шаванд.

## Моддаи 56. Баимзорасонӣ ва амали созишномаҳои қолабӣ

1. Созишномаҳои қолабӣ тибқи қоидаҳои барои озмуни кушод пешбинигардида ба имзо расонида мешаванд.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ ҳамаи пешниҳодҳои озмунии тахминии дар давраи амали созишномаи қолабии кушода воридгардидаро дар давоми муҳлати ниҳоие, ки дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муқаррар гардидааст, мутобиқи расмиёти дар даъватнома ҷиҳати иштирок дар созишномаи қолабии кушода баёнгардида баррасӣ менамояд.

3. Мақоми ваколатдори давлатӣ иштирокчиёни озмунро дар хусуси он, ки оё онҳо иштирокчиёни созишномаи қолабӣ гардидаанд, инчунин сабабҳои рад кардани пешниҳодҳои тахминии онҳо дар сурати иштирокчиёни созишнома нашудан, огоҳ месозад.

4. Шартномаи харид дар доираи созишномаи қолабӣ мутобиқи шартҳои созишномаи қолабӣ ва расмиёте, ки дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муайян гардида, ба маълумоти иштирокчиён дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ расонида шудаанд, танҳо ба таҳвилгаре (паймонкоре) вобаста карда мешавад, ки тарафи созишномаи қолабӣ мебошад.

5. Дар давоми муҳлати амали созишномаи қолабӣ ворид намудани тағйирот ба тавсифи мавзуи харид роҳ дода намешавад. Тағйир додани шартҳои дигари харид, аз ҷумла меъёрҳои гузаронидани озмун дар марҳилаи дуюм ва услуби истифодаи онҳо, инчунин расмиёти бастани шартномаи харид танҳо ба ҳамон дараҷа ва бо тартибе иҷозат дода мешавад, ки дар шакли ошкоро дар созишномаи қолабӣ пешбинӣ гардидааст.

## Моддаи 57. Истифодаи музоядаҳои электронии баръакс

1. Ташкилоти харидор метавонад харидро тавассути музоядаи электронии баръакс бо шароитҳои зерин анҷом диҳад:

1) бозори рақобатноки таҳвилгарон (паймонкорон) мавҷуд аст, ки тавре эҳтимол меравад, ҷавобгӯи талаботи тахассусӣ барои иштирок дар музоядаи электронии баръакс хоҳанд буд, то ин ки рақобати самаранок таъмин карда шавад;

2) меъёрҳое, ки ташкилоти харидор ҳангоми муайян намудани пешниҳоди ғолиб истифода мебарад, аз рӯи миқдор ва арзиши пулӣ ифодашаванда мебошанд.

2. Музоядаи электронии баръакс метавонад дар шаклҳои зерин истифода шавад:

1) усули алоҳидаи харид;

2) ба сифати марҳилаи ниҳоӣ дар мавриди татбиқи усули озмунии хариди дар моддаи 20 Қонуни мазкур зикргардида ё дар созишномаи қолабӣ бо озмуни марҳилаи дуюм то ба имзо расонидани шартномаи харид, ба шарте ки ташкилоти харидор иштирокчиёни озмунро

ҳангоми даъвати нахустини онҳо ҷиҳати иштирок дар расмиёти харид дар бораи гузаронидани музоядаи электронии баръакс огоҳ карда бошад.

3. Ташкилоти харидор метавонад шумораи иштирокчиёни озмунро, ки барои иштирок дар музоядаи электронии баръакс ба қайд гирифта шуда метавонанд, танҳо ба андозае маҳдуд созад, ки бинобар имкониятҳои маҳдуди низоми иттилоотию коммуникатсионӣ зарур мебошад ва уҳдадор аст, ки иштирокчиёнро барои чунин бақайдгирӣ дар асоси ғайритабъизӣ интихоб намояд.

### Моддаи 58. Баррасии ибтидоии пешниҳодҳои озмунӣ

Агар қабл аз музоядаи электронии баръакс дар ҳар ду ҳолати дар қисми 2 моддаи 57 Қонуни мазкур зикргардида арзёбии пешниҳодҳои ибтидоии озмунӣ гузаронида шавад, ташкилоти харидор пас аз арзёбии пешниҳодҳои ибтидоии озмунӣ уҳдадор аст:

1) ба ҳар иштирокчии озмуне, ки пешниҳоди ибтидоии озмунии ӯ рад карда шудааст, огоҳинома дар бораи радкуниро ирсол намояд;

2) ҳар таҳвилгареро, ки пешниҳоди ибтидоии озмунии ӯ ҷавобгӯи талабот мебошад, ҷиҳати иштирок дар музоядаи электронии баръакс бо пешкаш намудани тамоми иттилооти барои иштирок дар музояда зарур ва иттилоот дар бораи натиҷаҳои арзёбии пешниҳодҳои ибтидоии озмунӣ даъват намояд.

### Моддаи 59. Арзёбии пешниҳодҳои озмунӣ ва вобастакунии шартнома

1. Пешниҳоди озмуние, ки дар лаҳзаи пӯшидани музоядаи электронии баръакс мутобиқи меъёрҳои арзёбӣ пешниҳоди дорои нархи пасттарин ё пешниҳоди судмандтарин мебошад, бояд бо назардошти муқаррароти моддаи 35 Қонуни мазкур пешниҳоди ғолиб дониста шавад.

2. Агар ташкилоти харидор пешниҳодҳои ибтидоиро то музояда баррасӣ накарда бошад, он бояд мутобиқати пешниҳоди озмунии ғолиб ба талаботи озмунӣ, инчунин тахассуси иштирокчии озмунро, агар расмиёти интихоби пешакии тахассусӣ гузаронида нашуда бошад, арзёбӣ намояд.

3. Агар пешниҳоди озмунии ғолиб ҷавобгӯи талабот нисбат ба пешниҳодҳои озмунӣ набошад ё агар иштирокчӣ ҷавобгӯи талаботи тахассусӣ набошад, ташкилоти харидор уҳдадор аст, ки пешниҳодро рад намояд ва бидуни расонидани зарар ба ҳуқуқи ташкилоти харидор барои рад намудани ҳамаи пешниҳодҳои озмунӣ мутобиқи қисми 1 моддаи 37 Қонуни мазкур ҳангоми пӯшидани озмун пешниҳодеро интихоб намояд, ки дар раддабандӣ ҷои навбатиро ишғол намудааст, ба шарте ки ин пешниҳод ҷавобгӯи талабот нисбат ба пешниҳодҳои озмунӣ буда, иштирокчии озмун ба талаботи тахассусӣ ҷавобгӯ мебошад.

4. Агар шумораи таҳвилгарони (паймонкорони) барои иштирок дар музоядаи электронии баръакс ба қайд гирифташуда барои таъмини рақобати самаранок нокифоя бошад, ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад музоядаро бекор кунад.

## БОБИ 7. БАРРАСИИ ШИКОЯТҲО

### Моддаи 60. Ҳуқуқ ба шикоят

Иштирокчии озмун дар хусуси он, ки дар натиҷаи вайронкунии ягон уҳдадории бо Қонуни мазкур ба зиммаи ташкилоти харидор вогузоршуда зиён ё зарар дидааст ё дида метавонад, ҳуқуқ дорад тибқи тартиби муқарраршуда бо шикоят нисбат ба қарор ё амали (беамалии)

ташкилоти харидор ба ташкилоти харидор, Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳо ё ба суд муроҷиат намояд.

### Моддаи 61. Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳо

Барои баррасии саривақтӣ ва мустақилонаи шикоятҳо Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳо таъсис дода мешавад, ки низомнома ва ҳайати он аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

### Моддаи 62. Танзими шикоят

1. Талабот ва шартҳо нисбат ба пешниҳоди шикоят, ба баррасӣ қабул кардан ё накардани шикоят, боздоштани харид дар робита ба шикоят, иштироки тарафҳо дар расмиёти баррасии шикоят, қабули қарор ва воситаҳои ҳифзи ҳуқуқии иштирокчиёни озмун дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муқаррар карда мешаванд.

2. Ташкилоти харидор ё мақоми ваколатдори давлатӣ ҳуқуқ доранд, ки ба Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳо ё суд ҷиҳати ба имзо расонидани шартнома дар асоси манфиатҳои таъхирнопазири ҷамъиятӣ дархост намоянд. Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳо ё суд бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиатро баррасӣ намуда, вобаста ба он қарори дахлдор қабул менамояд.

### Моддаи 63. Шикоят бо тартиби судӣ

1. Нисбат ба қарор ё амали (беамалии) ташкилоти харидор ё Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳо тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд шикоят кардан мумкин аст.

2. Муқаррароти боби мазкур наметавонад ҳуқуқи иштирокчии озмунро ҷиҳати муроҷиат ба суд бе ҳалли пешакии ихтилофи назар мутобиқи Қонуни мазкур маҳдуд созад.

## БОБИ 8. МАЪМУРИКУНОНӢ ВА ИҶРОИ ШАРТНОМАҲО

### Моддаи 64. Масъулият барои маъмурикунонӣ ва назорати иҷрои шартномаи харид

1. Ташкилоти харидор барои маъмурикунонӣ ва назорати иҷрои шартномаҳои хариди ба имзо расонидааш масъул мебошад.

2. Ташкилоти харидор уҳдадор аст, ки ба мақоми ваколатдори давлатӣ ҳуҷҷатҳо, ҳисобот ва иттилооти дигари марбут ба татбиқи шартномаҳоро пешниҳод намояд.

### Моддаи 65. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба шартномаи харид

1. Тағйиру иловаҳо ба шартномаи харид бояд бо мақоми ваколатдори давлатӣ мувофиқа карда шуда, дар шакли созишномаи иловагӣ ба шартнома, ки аз ҷониби ҳарду тараф имзо гардидааст, ба расмият дароварда шавад.

2. Тағйиру иловаҳо ба шартнома набояд хусусияти асосии шартномаи харид ё муҳтавои пешниҳоди озмуниро, ки барои интихоби таҳвилгар (паймонкор) асос гардид, тағйир диҳанд. Кам кардани миқдори мол, ҳаҷми кор ва хизматрасонӣ бе мувофиқан кам кардани нархи шартномаи харид роҳ дода намешавад.

### Моддаи 66. Тасҳеҳи нархҳо

1. Ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ, ки нарх метавонад мутобиқи шартнома, бо назардошти тағйир ёфтани шароити иқтисодӣ ё тиҷоратӣ, тасҳеҳ гардад, ба шарте ки чунин имконият дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ ва шартнома пешбинӣ шуда бошад, нархи шартномаи харид муқарраршуда ҳисобида мешавад.

2. Агар шартномаи харид имконияти тасҳеҳи нархро мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур пешбинӣ намояд, муқаррароти шартнома оид ба тасҳеҳи нарх бояд вақт барои муайян намудани ҳар тасҳеҳи нарх, шартҳое, ки тасҳеҳи нархро асоснок мегардонанд, ба монанди болоравӣ ё коҳиши арзиши масолеҳ, қувваи корӣ, энергия, инчунин формула ва шохисҳои муайянкунандаи андозаи ҳар тасҳеҳи нарх ва расмиёти дигареро, ки бояд риоя шаванд, муқаррар намояд.

## Моддаи 67. Паймонкории фаръӣ ва гузашт

1. Таҳвилгар (паймонкор) метавонад барои иҷрои қисми шартномаи харид бо розигии пешакии хаттии ташкилоти харидор барои шартномаи паймонкории фаръӣ зерпаймонкорро ҷалб намояд.

2. Ҷалби зерпаймонкорон масъулияти таҳвилгарро (паймонкорро) барои иҷрои шартномаи харид маҳдуд намесозад. Тахассуси зерпаймонкори ҷалбшаванда бояд барои ҳамон уҳдадориҳое муайян карда шавад, ки таҳвилгари (паймонкори) асосӣ нисбат ба паймонкори фаръӣ ба зимма дорад.

3. Таҳвилгар (паймонкор) бе иҷозати хаттии ташкилоти харидор барои ба шахси дигар гузашт кардани шартномаи харид ҳуқуқ надорад, вале таҳвилгар (паймонкор) метавонад ба таври зарурӣ ташкилоти харидорро огоҳ сохта, ҳуқуқи гирифтани маблағҳои пулиро тибқи шартнома ба шахси дигар гузашт кунад.

## Моддаи 68. Эътироз аз рӯи шартномаи харид

1. Дар ҳолати ба миён омадани баҳсу ихтилофот дар робита ба иҷрои шартномаи баимзорасида як тараф дар сурати гирифтани эътирози тарафи дигар уҳдадор аст, ки онро баррасӣ намуда, дар давоми 15 рӯзи тақвимӣ пас аз пешниҳоди эътироз, ҷавоби хаттӣ диҳад.

2. Дар ҳолати рад гардидани эътироз ё надодани ҷавоб дар мухлати дар қисми 1 моддаи мазкур муқарраршуда тарафи манфиатдор ҳуқуқ дорад, ки ба суд муроҷиат намояд.

## Моддаи 69. Азназаргузаронии мол, кор ва хизматрасонӣ

1. Ташкилоти харидор уҳдадор аст, ки комиссия оид ба санҷиш ва қабули мол, кор ва хизматрасониро таъсис диҳад.

2. Таҳвилгар (паймонкор) уҳдадор аст, ки аз ҳисоби худ ба ихтиёри ташкилоти харидор биноҳо, воситаҳо ва ҳайати кормандони барои гузаронидани санҷиш зарурирo пешкаш намояд. Таҳвилгар (паймонкор) ва ташкилоти харидор хароҷоти марбут ба иштироки намояндагонашонро дар санҷиш дар алоҳидагӣ пардохт менамоянд.

3. Таҳвилгар (паймонкор) ҳар камбудию норасоии худро аз ҳисоби худ бартараф менамояд.

## Моддаи 70. Бекор кардани шартномаи харид

1. Ташкилоти харидор дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ ҳуқуқ дорад ҳангоми тағйирёбии ҷиддии ҳолатҳо, ки тарафҳо зимни бастани шартномаи харид дар назар доштанд ва тағйироте, ки пешбиниашон дар лаҳзаи бастани шартномаи харид имконнопазир буд ва

ҳамзамон, агар иҷрои шартнома метавонад хилофи манфиатҳои ҷамъиятӣ бошад, бо тартиби яктарафа шартномаи басташударо бекор кунад.

2. Ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад шартномаи харидро дар давоми як моҳи фарорасии ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур, ки ба ӯ маълум гардидаанд, бекор намояд.

3. Агар шартномаи харид тибқи ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур бекор карда шавад, барқарор намудани ҳуқуқҳои тарафҳо аз рӯи принсипи барқароркунии (реститутсияи) дутарафа ва ҷуброни зиёни расонидашуда анҷом дода мешавад.

4. Ташкилоти харидор дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ бо тартиби яктарафа шартномаи харидро бекор менамояд, агар дар рафти иҷрои он муайян карда шавад, ки таҳвилгари (паймонкори) эҳтимолии муқарраршуда мутобиқат намекунад ё иттилооти дидаю дониста бардурӯғ оид ба мутобиқатии худ ба чунин талаботро пешниҳод намудааст, ки ба ӯ имконият додааст ғолиби расмиёти харид гардад.

## БОБИ 9. МАҲДУДИЯТҲО ҲАНГОМИ ГУЗАРОНИДАНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

### Моддаи 71. Бархӯрди манфиатҳо

1. Ба хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоти харидор манъ аст:

1) ба расмиёти хариди давлатӣ бо ҳар тариқ ба манфиати ҳар яке аз тарафҳои харид таъсир расонанд;

2) дар хариди бо Қонуни мазкур танзимшаванда ба сифати иштирокчии озмун, таҳвилгар (паймонкор) иштирок намоянд ё ба сифати намояндаи қонунии онҳо баромад кунанд.

2. Шахс барои намояндагӣ кардани ташкилоти харидор, иҷро намудани уҳдадориҳои дигари марбут ба расмиёти хариди давлатӣ ё иҷро намудани вазифаҳои машваратчӣ оид ба расмиёти хариди давлатӣ ҳуқуқ надорад, агар ӯ:

1) бо иштирокчии озмун, таҳвилгар (паймонкор) хеши наздик бошад, муносибатҳои фарзандхондӣ, васоят ё парасторӣ дошта бошад;

2) дар давоми ду соли то гузаронидани расмиёти хариди давлатӣ дар расмиёти хариди давлатӣ ба сифати корманд ё шахси мансабдори иштирокчии озмун, таҳвилгар (паймонкор) иштирок карда бошад ё дар он манфиати молиявӣ дошта бошад.

3. Фаъолияти марбут ба хариди хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоти харидор аз номи ташкилоти харидор, ки таҳти амали маҳдудиятҳои марбут ба бархӯрди манфиатҳои дар моддаи мазкур зикргардида қарор мегирад, аз ҷумла инҳоро дар бар мегирад:

1) банақшагирии харид, аз ҷумла таҳияи тавсифоти техникӣ ва ҳуҷҷатҳои озмунӣ (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2025* № 2177);

2) арзёбӣ ва муқоисаи пешниҳодҳои озмунӣ ва дархостҳо;

3) гузаронидани муҳокимаҳои техникӣ ё гуфтушунидҳо;

4) интихоб ё тасдиқи интихоби иштирокчии озмун;

5) маъмурикунонии шартномаҳои харид, аз ҷумла пардохтҳо ва танзими баҳсҳо (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2025* № 2177).

### Моддаи 72. Ошкор намудани бархӯрди манфиатҳо

1. Хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоти харидор уҳдадоранд, ки дар бораи ҳамаи бархӯрдҳои воқеӣ ва эҳтимолии манфиатҳо хабар дода, аз иштирок дар расмиёти хариде, ки ба он ихтилофи манфиатҳо таъсир расонида метавонад, даст кашанд. Ҳар як чунин хабар ё дасткашӣ бояд дар протоколи харид сабт карда шавад.

2. Хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилоти харидор бояд то оғози арзёбӣ ва муқоисаи пешниҳодҳои озмунӣ ва дархостҳо ё ҳар гуна мувофиқасозӣ, маъқул донистан ё иҷрои вазифаҳои марбут ба харид аризаро дар хусуси он ки бо иштирокчиёни озмун ё таҳвилгарон (паймонкорон) дар ягон муносибатҳое, ки дар моддаи 71 Қонуни мазкур зикр карда шудаанд, алоқаманд нестанд, инчунин дар хусуси он ки оид ба кори оянда бо онҳо гуфтушунид намебаранд ё аҳду паймон набастаанд, ба имзо расонанд.

## Моддаи 73. Хориҷ намудан аз иштирок дар хариди давлатӣ

1. Таҳвилгар (паймонкор) ё зерпаймонкор аз иштирок дар хариди давлатӣ бо ворид намудан ба Феҳристи таҳвилгарони (паймонкорони) беэътимод (бевиҷдон) ба муҳлати дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муқарраршуда бо асосҳои зерин хориҷ карда мешавад:

1) пешниҳод намудани иттилооти дидаю дониста бардурӯғ дар ҷараёни пешкаш намудани пешниҳоди озмунӣ ё дархост;

2) иҷро накардани шартномаи харид;

3) саркашӣ намудан аз бастани шартномаи харид, ба шарте ки иштирокчии озмун ҳуқуқи худро барои баргардонидани таъминоти пешниҳоди озмунӣ мутобиқи қисми 4 моддаи 32 Қонуни мазкур аз даст надода бошад;

4) вайрон кардани шартҳои эъломия дар бораи таъминоти пешниҳоди озмунӣ;

5) аз ҷониби ташкилоти харидор ба таври яктарафа бекор кардани шартномаи харид, ки дар рафти иҷрои он муайян карда шудааст, ки таҳвилгар (паймонкор) ба талаботи дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ нисбат ба таҳвилгарони (паймонкорони) эҳтимолӣ муқарраршуда мутобиқат намекунад ё иттилооти дидаю дониста бардурӯғ оид ба мутобиқатии худ ба чунин талабот пешниҳод намудааст, ки ба ӯ имконияти ғолиби расмиёти харид шуданро додааст;

6) дар муддати се сол то оғози расмиёти харид содир намудани амалҳои ғайриқонуние, ки ба пешкаш намудани пешниҳоди озмунӣ ё дархост муносибат доштанд;

7) дар муддати се сол то оғози расмиёти харид содир намудани ҷинояти марбут ба коррупсия ё қаллобӣ;

8) ба имзо расонидани шартномаи паймонкории фаръӣ бе розигии пешакии хаттии ташкилоти харидор.

2. Ворид намудан ба Феҳристи таҳвилгарони (паймонкорони) беэътимод (бевиҷдон) ва аз он хориҷ намудани таҳвилгар (паймонкор) тибқи Тартиби пешбурди Феҳристи таҳвилгарони (паймонкорони) беэътимод (бевиҷдон), ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ карда шудааст, амалӣ карда мешавад.

3. Таҳвилгар (паймонкор) наметавонад дар мавриди мавҷудияти бархӯрди манфиатҳо, ки дар қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ муқаррар карда шудаанд, дар расмиёти харид иштирок намояд.

# БОБИ 10. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 74. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

### Моддаи 75. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ"

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ" аз 3 марти соли 2006 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2006, №3, мод. 158; с. 2012, №4, мод. 265) аз эътибор соқит дониста шавад.

### Моддаи 76. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе,**
**аз 15 марти соли 2023, № 1955**